Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу хироҷ

№27 (1176)

Панҷшанбе, 4 июли соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Фаъолияти шаффоф



Дар сатҳи замонавӣ ташкил намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва боз ҳам содаву сабук гардонидани ҷараёни андозсупорӣ

## Ислоҳот дар низоми андоз ва андозбандӣ



Масъалаҳои ислоҳот дар соҳаи андоз ва андозбандӣ мавриди назари рӯзноманигорон

с. 11

ПРЕЗИДЕНТ



## Падидаи нодири даврони соҳибистиқлолӣ

Суханронӣ ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар ноҳияи Рашт

с. 2-3

ТАҲЛИЛ

## Камбудиҳо дар пешниҳоди эъломияҳои андоз

Камбудиҳо ҷиҳати дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ ва пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани манбаъҳои андозбандишаванда

с. 7

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

## Баррасии масъалаҳои муҳим

Муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолият доир ба дуруст ба роҳ мондани кор дар бораи Қоидаҳои муомилоти маҳсулоти нафту газ

с. 8

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

## Маҳдуд кардани фаъолияти ширкатҳои «якрӯза»

Тадбирҳои мақомоти андоз бахри пешгирии фаъолияти ширкатҳои «якрӯза»

с. 8

## ПУРСИШНОМА

оид ба муайян намудани риояи тартиби гузаронидани назорати камералӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андоз

с. 13

# Падидаи нодири даврони соҳибистиқлолӣ

## Суханронӣ ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар ноҳияи Рашт

**26 июни соли 2019, ноҳияи Рашт**



**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини арҷманд!**

Ин лаҳзаҳо, ки ҳамаи мо дар остонаи ҷашни мубораки миллиамон - Рӯзи Ваҳдати миллӣ қарор дорем, тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ, хурду бузурги сокинони ноҳияи Рашт ва ҳамаи шумо, ҳозирини гиромиро ба ифтихори ин санаи таърихӣ самимона табрик мегӯям.

Ба кулли шаҳрвандони кишвар хонаи обод, саодати рӯзгор ва дар роҳи таҳкими сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, ки асоси хушбахтии сокинони мамлакат ва ободиву пешрафти Ватани маҳбубамон ба ҳисоб меравад, барору комёбӣ орзу менамоям.

Ваҳдати миллӣ ҳамчун падидаи нодири даврони соҳибистиқлолии кишвар барои сарҷамъ намудани миллати дар ҳоли парокандашавӣ қарордоштаи тоҷик ва аз вартаи нестӣ раҳоӣ бахшидани давлати навини тоҷикон нақши басо бузургро иҷро кард.

Рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, яъне 27-уми июни соли 1997 барои мо, воқеан, оғози ҳамдигарфаҳмиву сарҷамъӣ ва фароҳам овардани шароит барои зиндагии орому осоиштаи халқамон мебошад.

Созишномаи умумӣ санади наҷоти миллат, кишвар ва давлати мо буда, натиҷаи музокироти қариб чорсолаи байни тоҷикон - мулоқоту машваратҳои роҳбарони давлат ва Иттиҳоди нерӯҳои мухолифин, заҳмати ҳайатҳои музокиракунанда, кӯшиши кишварҳои нозир ва мусоидати созмонҳои байналмилалӣ мебошад.

Дар натиҷаи ҷанги дохилии таҳмилӣ, ки дар оғози истиқлолияти давлатамон бо гуноҳи душманону бадхоҳони миллат ва хоҷагони хориҷии онҳо ба вуқӯъ пайваст, садҳо ҳазор нафар шаҳрвандони бегуноҳи мо ба ҳалокат расида, даҳҳо ҳазор нафар модарону занон бесаробон ва кӯдакон ятим монданд, беш аз як миллион нафар ҳамватанонамон гуреза шуданд ва ҳазорон иншооти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат харобу валангор ва сӯхтаву нобуд гардиданд.

Дар чунин лаҳзаҳои ниҳоят вазнину фоҷиабор, ки мардуми тоҷик ташнаи сулҳу оромӣ ва қатъи ҷангу хунрезӣ буданд, Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват ва баргузор гардид ва роҳбарияти нав интихобшудаи давлат масъулияти вазнини ба эътидол овардани вазъи мамлакатро ба дӯши худ гирифт.

Вазифаи муҳимтарин ва фаврии Ҳукумати навтаъсис ҳарчи зудтар хотима бахшидан ба ҷангу хунрезӣ, барқарор кардани фаъолияти комилан фалаҷшудаи сохтору мақомоти давлатӣ, ба Ватан баргардонидани гурезаҳои иҷборӣ ва таъмин намудани онҳо бо шароити зарурии зиндагӣ ва кор буд.

Дар ин раванд, фароҳам овардани фазои мусоид барои музокироти ҷонибҳо низ аз ҷумлаи корҳои аввалиндараҷаву бетаъхир ба шумор мерафт.

Мо музокироти сулҳро бо мухолифини мусаллаҳ бо талабу дархост ва майлу иродаи халқи азизамон, ба хотири қатъи хунрезиҳои даҳшатнок, ҳифзи ягонагии миллат ва нигоҳ доштани якпорчагии давлатамон оғоз кардем.

Дар раванди музокироти тӯлонӣ, ки зиёда аз чил моҳ дар кишварҳои гуногуни олам идома доштанд, мо чил санади муҳимро ба имзо расонидем.

Дар натиҷа баъди мухолифати мусаллаҳонаи беш аз панҷсола 27-уми июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон имзо шуд.

Вобаста ба ин, мехоҳам як масъалаи муҳимро бори дигар ба тамоми мардуми шарифи кишвар хотирнишон созам, ки Ҳукумати Тоҷикистон созишномаи сулҳро бо Иттиҳоди нерӯҳои мухолифини тоҷик имзо кард. Яъне мо бо ҳизби террористиву экстремистии наҳзат ҳеҷ гоҳ ягон санад имзо накардаем.

Баъди имзои созишномаи сулҳ дар кишвар марҳалаи барқарорсозии оқибатҳои ҷанг шурӯъ шуд, ки саъю талоши Ҳукумати мамлакат дар давоми даҳ сол асосан ба ҳамин самт равона гардида буд.

Мо дар муддати кӯтоҳ беш аз як миллион нафар ҳамватанони гурезаву аз Ватан дурафтодаамонро ба маҳалли зисташон баргардонидем.

Барқарор кардани сохти конститутсионӣ, қонунияту тартибот ва амният, аз нав ба роҳ мондани фаъолияти фалаҷшудаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, барқарор намудани манзилҳои зисту иншооти сӯхтаву валангоршуда саъю талош ва вақту хароҷоти зиёдро талаб менамуд.

Ба туфайли сулҳу субот мо аз солҳои 2000-ум сар карда, пастравии иқтисодиро боздоштем ва дар мамлакат марҳалаи рушд оғоз гардид.

Дар ин давра барои расидан ба се ҳадафи муҳимми стратегӣ, ки мо ҳанӯз дар оғози соҳибистиқлолӣ онҳоро дар саргаҳи кору иқдомоти худ барои даҳсолаҳои наздик қарор дода будем, ҳамаи захираву имкониятҳои мавҷуда сафарбар карда шуданд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Тавре ки ишора кардам, ваҳдати миллӣ ба василаи талошҳои пайвастаи Ҳукумати кишвар барои густариш ёфтани сиёсати дохиливу хориҷӣ, рушди минбаъдаи кишвар ва таъмини амнияти давлату ҷомеа таҳкурсии мустаҳкам ба вуҷуд овард.

Вобаста ба ин, моро зарур аст, ки маърифати сиёсиву ҳуқуқӣ ва зеҳниву ақлонии мардум, дар навбати аввал, наврасону ҷавононро мунтазам баланд бардорем ва донишу ҷаҳонбинии дунявии онҳоро тавсеа бахшем.

Зеро дар оянда маҳз наврасону ҷавонон масъулияти давлатдориро ба ухда мегиранд ва мо бояд онҳоро аз ҳоло барои иҷрои ин рисолати бузург омода созем.

Дар замони ниҳоят пуртазоди ҷаҳонишавӣ инсоният ба мушкилоту таҳдидҳои нав рӯбарӯ шуда истодааст, ки ҳаллу фасли онҳо танҳо тавассути ақлу хирад ва фарҳанги инсонпарварона имконпазир мебошад.

Аз ин рӯ, наслҳои имрӯзу фардоро зарур аст, ки бо мақсади таъмини амнияти давлат ҳарчи бештар муттаҳид бошанд ва нагузоранд, ки дар ҷомеа ғояҳои ифротиву ба фарҳанги мо бегона нуфуз пайдо карда, зиндагии орому осудаи сокинони мамлакатро халалдор созанд.

Мо бояд дар мафкураи мардум арзишу ормонҳоеро ҷой диҳем, ки таҷассумгари ҳадафҳои созанда бошанд ва на танҳо омили таҳкимбахши суботи сиёсӣ, балки воситаи муҳимми ҳимояи рукнҳои давлатдорӣ дар кишвар қарор гиранд.

Гузашти солҳо собит намуд, ки музокироти сулҳ роҳи асоситарини рафъи ихтилофоти дохилӣ ва асоси пешрафту ободии кишвар мебошад.

Беҳуда нест, ки ҳоло таҷрибаи сулҳу оштии миллии мо мавриди омӯзишу истифодаи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва ҷомеаи башарӣ қарор дорад.

Бо гузашти солҳо мо амиқан дарк кардем, ки Ваҳдати миллӣ омили муҳимтарини рушди ҷомеа, шарти асосии пешрафти иқтисод ва иҷтимоиёту фарҳанги мардуми мо ба ҳисоб меравад.

Маҳз ба ҳамин хотир, мо ҳифзи истиқлолият ва Ваҳдати миллиро аз ҷумлаи рисолатҳои инсонии худ мешуморем.

Имрӯз бисёр зарур аст, ки мо андешаи сулҳу ваҳдатро ҳамчун рукни боэътимоди истиқлолият ба яке аз ғояҳои давлатдории миллӣ табдил диҳем ва онро миёни наврасону ҷавонон ҳамчун шарти асосии бақои амнияти ҷомеа ва пойдории давлат васеъ тарғиб кунем.

Ҳоло дар ҷаҳон илм бо суръати кайҳонӣ пеш меравад ва ҳар рӯз техникаву технологияҳои навтарин ихтироъ мешаванд. Дар чунин шароит ба ҷавонони мо зарур аст, ки пойбанди расму ойинҳои хурофотӣ нашаванд, балки аз дастовардҳои муосири илму техникаи ҷаҳон огоҳии бештар пайдо кунанд, диду назар ва ҷаҳонбинии худро вусъат бахшанд, бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ гарданд ва ҳамқадами шоистаи замон бошанд.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Маҳз самараи Ваҳдати миллӣ ва тарғиби пайвастаи ғояҳои он буд, ки Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳи таърихӣ ба марҳалаи рушди устувор ворид шуда, дар самти беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба дастовардҳои хеле назаррас ноил гардид.

Раҳоӣ бахшидани кишвар аз буҳрони шадиди иқтисодӣ, гузоштани заминаи устувор барои таъмини рушди иқтисодӣ, бунёди зерсохторҳои энергетикӣ ва коммуникатсионӣ, аз ҷумла роҳу нақбҳо, хатҳои баландшиддати интиқоли барқ, зеристгоҳҳои барқӣ, рушди бомароми саноату кишоварзӣ, соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ, бунёди даҳҳо ҳазор гектар боғу токзор аз ҷумлаи дастовардҳои назарраси ин марҳала мебошанд.

Сохтмон ва таъмиру таҷдиди ҳазорҳо мактабу кӯдакистон ва муассисаҳои тиббӣ, қомат афрохтани даҳҳо кохи фарҳангу китобхонаву варзишгоҳ ва умуман, дигаргун гардидани симои шаҳру ноҳияҳо ва шароити зисти сокинони онҳоро имрӯз ҳар фарди огоҳи кишвар чун ойина дар пешорӯи худ мебинад.

Зикр бояд кард, ки иншооти бузурги бо заҳмати аҳлонаи мардум бунёдгардида на танҳо аҳаммияти иқтисодиву иҷтимоӣ, балки нақши бузурги милливу сиёсӣ низ доранд. Зеро маҳз тавассути бунёди зерсохторҳои коммуникатсионӣ мо Тоҷикистони амалан чандпораро ба сарзамини воҳид табдил додем.

Воқеан, дар кишваре, ки минтақаҳои он то замони амалӣ гардидани ин дигаргуниҳои бузург тӯли 5–6 моҳ дар як сол аз ҳам ҷудо буда, мардум дар бораи ҳамдигар тасаввуроти кофӣ надоштанд, аз Ваҳдати миллӣ сухан гуфтан мушкил буд.

Чунин вазъ, яъне ба ҳамдигар наздик набудани сокинони кишвар яке аз сабабҳои рух додани бадбахтиҳои ибтидои солҳои навадум ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, роҳу нақбҳо мардуми Тоҷикистонро ба ҳам пайваста, барои омезишу ҳамоиши

# Падидаи нодири даврони соҳибистиқлолӣ

## Суханронӣ ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар ноҳияи Рашт

**26 июни соли 2019, ноҳияи Рашт**

миллӣ ва ташаккули фазои ягонаи арзишҳои миллӣ нақши калидӣ бозиданд.

Танҳо дар давоми солҳои 2000 - 2018 маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ қариб 39 баробар ва ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ 56 баробар афзуд.

Дар Паёми соли гузаштаи Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олӣ саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон гардид. Мувофиқи стратегияи миллии рушд то соли 2030 афзоиши бесобиқаи ҳиссаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ пешбинӣ шудааст.

Ин чунин маънӣ дорад, ки мо бояд дар ин давра садҳо корхонаи муосири саноатӣ бунёд карда, даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ муҳайё созем ва содироти маҳсулоти тайёри саноатиро зиёд кунем.

Дар ин росто, танҳо соли гузашта 131 корхонаи нав ба истифода супорида шуда, аз соли 2015 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ қариб 84 фоиз афзоиш ёфт, яъне аз 13 миллиард сомонии соли 2015 қариб ба 24 миллиард сомонӣ дар соли 2018 расонида шуд.

Ҷашни Ваҳдати миллӣ имсол дар шароите ҷашн гирифта мешавад, ки давлати мо ба як қатор дастовардҳои дорои аҳаммияти дохилӣ ва минтақавӣ ноил гардидааст.

Амалӣ гардидани ормони деринаи мардуми сарбаланду тамаддунсози Тоҷикистон ва рӯйдоди муҳимтарини таърихи навини кишварамон - ба кор даровардани агрегати аввали иншооти бузурги аср - Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" яке аз ин дастовардҳо мебошад.

Мо ният дорем, ки соли ҷорӣ дар рӯзҳои ҷашни Истиқлолияти давлатӣ агрегати дуюми ин нерӯгоҳи азимро ба кор дароварда, дар роҳи таъмин намудани истиқлолияти энергетикии мамлакат боз як қадами устувор гузорем ва ба саноатикунонии кишвар, яъне ҳадафи чоруми миллӣ роҳи васеъ кушоем.

Бо ин роҳ мо ба рушди Тоҷикистони азиз такон бахшида, барои татбиқи ҳадафҳои стратегиамон заминаи боэътимод муҳайё месозем.

Солҳои наздик дар мамлакат барои таҷдиди роҳҳо, шабакаҳои обрасонӣ ва бунёди нерӯгоҳҳо татбиқи даҳҳо лоиҳаи давлатии сармоягузории нав ба маблағи умумии миллиардҳо сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки бешубҳа, барои расидан ба зиндагии шоиста мусоидат хоҳанд кард.

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Имсол ҷашни Ваҳдати миллӣ дар ноҳияи Рашт баргузор мегардад. Мафҳумҳои сулҳу субот ва ваҳдату сарҷамъӣ барои сокинони водии Рашт бисёр арзишманд буда, онҳо қадру манзалат ва ҷойгоҳи ин неъматҳоро хуб медонанд.

Ин аст, ки мардуми шарифи Рашт аз сиёсати сулҳпарварона ва ваҳдатсози давлат бо тамоми ҳастии худ ҷонибдорӣ мекунанд.

Бо қаноатмандӣ хотирнишон месозам, ки дар натиҷаи ғамхориву дастгириҳои доимии Ҳукумати мамлакат ва албатта, ба василаи заҳмату талоши ватандӯстонаи сокинон имрӯз симои ноҳияи Рашт куллан дигаргун шудааст.

Чунонки дар яке аз вохӯриҳои худ бо мардуми ин ноҳия изҳор дошта будам, ноҳия ва умуман, водии Рашт мардуми заҳматқарин, деҳқонони асил ва обу хоки зархез дошта, иқлими он барои парвариши ҳама гуна зироатҳои кишоварзӣ бисёр мувофиқ мебошад.

Қисми зиёди меваҳои шаҳдбори кишвар дар ин мавзеъ парвариш ёфта, ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар харидори зиёд доранд.

Ноҳияи Рашт, инчунин, аз ҷумлаи мавзеъҳои зебои кишварамон буда, табиати ин макон даҳсолаҳост, ки диққати дӯстдорони саёҳат ва кӯҳнавардиро ба худ ҷалб кардааст.

Чунин имконияту шароити хуби табиӣ аз роҳбарону масъулони ноҳия, инчунин, аз соҳибкорони маҳаллӣ тақозо менамояд, ки барои ташкили инфрасохтори сайёҳӣ ва боз ҳам ободу пешрафта гардонидани ин гӯшаи зебои ватанамон пайваста саъю талош намоянд.

Солҳои 2007–2016 дар ноҳия танҳо тавассути Дирексияи сохтмони иншооти ҳукумати Дастгоҳи иҷроияи Президент ба маблағи 107 миллион сомонӣ 16 иншооти замонавии таъиноти гуногун бунёд гардидааст.

Умуман, дар замони Истиқлолияти давлатӣ дар ноҳияи Рашт барои сохтмону таҷдиди иншооти гуногун қариб 500 миллион сомонӣ маблағгузорӣ шуда, дар ҳаҷми 360 миллион сомонӣ корҳои сохтмонӣ анҷом дода шудаанд.

Танҳо дар зарфи се соли охир аз ҳамаи манбаъҳои маблағгузории давлатӣ барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодии ноҳия 270 миллион сомонӣ равона карда шудааст.

Бар замми ин, аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар даҳ соли охир ба маблағи 310 миллион сомонӣ корҳои сохтмону барқарорсозӣ амалӣ гардидаанд.

Масъалаи бо оби босифати ошомиданӣ таъмин намудани аҳолӣ, ки то имрӯз дар ноҳия яке аз мушкилоти асосӣ ба шумор меравад, бо дастгирии Ҳукумати мамлакат тавассути таҷдиду азнавсозии шабакаҳои обрасонӣ ва бунёди инфрасохтори зарурии захираву интиқоли об ҳаллу фасл шуда истодааст.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар ноҳия нишондиҳандаҳои соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла истеҳсоли меваю сабзавот, картошкаву ғалла ва дигар навъҳои маҳсулоти кишоварзӣ бамаротиб зиёд шуда, танҳо соли 2018 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба маблағи қариб 480 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст.

Илова бар ин, таъкид месозам, ки дар ноҳия барои рушди соҳаи саноат, аз ҷумла доир ба ташкили корхонаҳои коркард низ шароиту имкониятҳои хуб мавҷуданд.

Ҳукумати мамлакат аз ҷониби худ барои фароҳам овардани шароити муосири инфрасохторӣ тамоми чораҳои зарурӣро амалӣ намуда, маркази ноҳияро имрӯз ба як шаҳраки зебои замонавӣ мубаддал гардонидааст.

Ба фаъолият оғоз кардани Донишкадаи давлатии омӯзгорӣ ва маҷмааи варзишии он, коллеҷи тиббӣ, азнавсозии шоҳроҳи Душанбе–Рашт–Ҷиргатол–Саритош, таъмиру азнавсозии роҳҳои дохилӣ, бунёд гардидани варзишгоҳ ва дигар иншооти иҷтимоӣ, аз ҷумла мактабу беморхонаҳо, марказҳои саломативу бунгоҳҳои тиббӣ, коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ ва силсилаи биноҳои нави хизматрасониву маъмурӣ намунаи дастовардҳои ноҳия дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ мебошанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди сайёҳӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, имкониятҳои сайёҳии таърихию фарҳангӣ, қуллаҳои баланди кӯҳӣ, обҳои мусаффову шифобахш ва табиати нотакрори кишварро барои ҷалби бештари сайёҳон истифода бурда истодааст.

Тавре таъкид карда будам, ҳадафи асосӣ аз эълон гардидани солҳои 2019–2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», пеш аз ҳама, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи беҳтар намудани инфрасохтор, яъне беҳсозии вазъи соҳаҳои маорифу тандурустӣ, фарҳанг, ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонидани сатҳи хизматрасонӣ ба баланд бардоштани некӯаҳволии мардум дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин мебошад.

Дар ноҳияи Рашт низ дар робита ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» бунёди инфрасохтори муосири сайёҳӣ, дар сатҳи байналмилалӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ ва андешидани чораҳо дар самти инкишофи намудҳои гуногуни сайёҳӣ зарур мебошад.

Дар ноҳия ёдгориҳои зиёди таърихиву фарҳангие мавҷуданд, ки метавонанд макони боздиди сайёҳону меҳмонон бошанд ва ҳамзамон бо ин, ба густариши ҳунарҳои миллӣ дар ин гӯшаи диёрамон мусоидат намоянд.

Ҳукумати мамлакат минбаъд низ амалӣ намудани ҳамаи чораҳои зарурӣро барои пешрафт ва ободу зебо гардонидани ҳар як гӯшаи Ватани азизамон, аз ҷумла водии Рашт тавассути амалисозии стратегияву барномаҳои давлативу соҳавӣ ва минтақавӣ идома медиҳад.

Вазифаи ҳар як сокини бонангу номус ва соҳибкорони ноҳия аз он иборат аст, ки дар доираи чорабиниҳои истиқболи сазовори ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатӣ ин раванди ободкориро идома диҳанд ва ҳамаи имкониятҳои худро барои аз имрӯза зеботар гардонидани диёри худ сафарбар намоянд.

Соҳибкорон ва фарзандони ҳимматбаланди ноҳия низ, ки дар хориҷи кишвар кору фаъолият мекунанд, метавонанд бо иқдомоти созандаашон дар ободии зодгоҳашон ва ҳалли мушкилоти ҳамдиёрони худ саҳми арзишманд гузоранд.

Имрӯз тамоми шаҳрвандони огоҳу солимфикри мамлакат вазифадоранд, ки шукронаи соҳибдавлативу соҳибватаниро ба ҷо оварда, ҳар як иқдоми ободгаронаву созандаи худро ба номи Ватан ва миллат, ба хотири мустаҳкам намудани пояҳои давлатдории навинамон ва таҳкими нуфузу обрӯи Ватани маҳбубамон дар арсаи байналмилалӣ анҷом диҳанд.

Дар ин раванд зарур аст, ки ҳувияту худшиносии миллӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ба ҷузъҳои муҳимтарину таркибии андешаи миллии мардуми мо табдил дода шаванд.

Табиист, ки масири давлатсозӣ роҳи ҳамвор нест, балки барои ноил шудан ба ин мақсади наҷибу муқаддас иродаи азиму имони комил, донишу биниши амиқи иҷтимоиву иқтисодӣ ва маърифату фарҳанги мукаммал зарур аст.

Мо ҳанӯз дар пеш масъалаву мушкилоти зиёд дорем, ки барои ҳаллу фасли онҳо ва ба қатори кишварҳои пешрафтаи дунё баровардани Тоҷикистони азизамон бояд аҳлонаву сарҷамъона заҳмат кашем.

Шубҳае нест, ки мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла сокинони заҳматпешаи ноҳияи Рашт дар оянда низ бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ва ба шукронаи фазои орому осудаи кишварамон барои боз ҳам вусъат бахшидани корҳои созандаву ободгарона саъю талош хоҳанд кард.

Итминони комил дорам, ки муттаҳидиву сарҷамъӣ ҳамчун сарчашмаи бахту иқболи миллати тоҷик ва пешрафти давлати миллии мо бегазанд ва ҳамеша пойдору устувор боқӣ мемонад ва мардуми моро дар роҳи татбиқи нақшаву ҳадафҳои бузурги тақдирсози Ҳукумати мамлакат ғайрату нерӯ ва рӯҳу илҳоми тоза мебахшад.

Бо эътимоду қаноатмандӣ бори дигар иброз медорам, ки барои инкишофу ободии минбаъдаи кишвари азизамон ҳамаи захираву имкониятҳо мавҷуданд.

Иқтидори асосӣ ва захираи бузургтарини Тоҷикистон мардуми заҳматкаш ва бонангу номуси он мебошад.

Бовар дорам, ки тамоми мардуми тамаддунсозу шарафманди Тоҷикистон, аз ҷумла сокинони сарбаланду заҳматқарини ноҳияи Рашт минбаъд низ рисолати муқаддаси худро ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории миллиамон ва тақвияти иқтидори давлати соҳибихтиёрамон содиқона иҷро карда, ҳамаи кӯшишу талош ва ҳиммату ғайрати худро барои ободии Тоҷикистони азизамон, ҳифзи дастовардҳои Истиқлолият, таҳкими суботу оромӣ ва Ваҳдати миллӣ, дар рӯҳияи ҳисси баланди миллӣ ва ватандӯстиву ватандорӣ тарбия кардани фарзандон сафарбар менамоянд.

Дар ин рӯзи фархундаву муборак бори дигар тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, сокинони ватандӯст ва ҳимматбаланду меҳмоннавози ноҳияи Рашт ва ҳамаи шумо, ҳозирини арҷмандро ба муносибати ҷашни Ваҳдати миллӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар фарди Ватан саломатӣ, сулҳу осоиш ва рӯзгори ободу пурсаодат орзу менамоям.

Бигзор, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ дар кишвари азизи мо ҳамеша пойдор ва истиқлоли миллати озоду сарбаланди тоҷик ҷовидон бошад!

**Ҳамеша саломату сарфароз ва бахтёру комгор бошед, ҳамватанони азиз!**

**Ҷашни Ваҳдати миллӣ муборак бошад!**

# Заминаи ҳуқуқии муносибатҳо бо Беларус

**Изҳороти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пас аз мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Беларус**



**Муҳтарам Александр Григоревич!**

**Муҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори омма!**

Пеш аз ҳама, мехоҳам ба Ҳукумат ва мардуми дӯсти Ҷумҳурии Беларус барои меҳмоннавозии самимӣ изҳори миннатдорӣ намоям.

Ҳамчунин мехоҳам ба дӯстони беларусӣ дар робита ба ташкили хуби ҷашни бузурги варзишӣ – Бозиҳои дуюми аврупоӣ табрикоти амиқамонро изҳор дорам.

Тавре муҳтарам Александр Григоревич зикр намуд, зимни музокироти имрӯза доираи васеи муносибатҳои Тоҷикистону Беларус баррасӣ гардид.

Чунин мешуморем, ки бастаи нави санадҳое, ки мо дар айни замон ба имзо расонидем, заминаи ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаамонро ба таври назаррас тақвият мебахшад.

Мехоҳам аҳамияти Шартнома оид ба шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Беларусро махсус зикр намоям.

Дар ин замина, муҳокимаи муфассали роҳҳои интиқоли муносибатҳои шарикии стратегиамон ба сатҳи амалӣ мавзӯи асосии музокирот буд.

Мо ҷараёни мусбат ва устувори ҳамгироии кишварҳоямонро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва гуманитарӣ таъкид кардем.

Таваҷҷуҳи хосса ба масоили густариши ҷанбаҳои ҳамкориамон дар соҳаи иқтисоду тиҷорат зоҳир карда шуд.

Манзурам рушди шаклҳои дарозмуддати ҳамкорӣ дар бахшҳои асосии иқтисодиёт, аз қабили саноат ва кишоварзӣ, инчунин густариши навъҳои табодули моли мутақобила, бо назардошти имкониятҳои ҷонибҳо мебошад.

Таъмини робитаҳоямон дар ин самт, бешак, метавонад омили рушди муҳими робитаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ гардад.

Мо ҳамчунин муҳиммияти густариши робитаҳоро дар сатҳи минтақаҳо ва байни субъектҳои хоҷагидори ду кишвар таъкид кардем.

Нишондиҳандаҳои макроиқтисодии рушди Тоҷикистон дорои ҷараёни устувор мебошанд.

Суръатҳои афзоиши миёнаи солонаи маҷмӯи маҳсулоти дохила давоми даҳ соли охир дар сатҳи на кам аз 7 фоиз қарор доранд.

Мо саноатикунонии босуръати иқтисодиётро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии рушдамон вазифаи худ қарор додем.

Ин барои густариши ҳамкории мутақобилан судманди миёни ду кишвар дар соҳаҳои мухталиф имкониятҳои нав фароҳам меорад.

Дар робита ба ин, мо ҳавасмандиамонро ба густариши робитаҳои истеҳсолии кооператсионӣ бо шариконӣ беларусӣ ва ҷалби технологияҳои пешқадами Беларус ба бахши воқеии иқтисодамон зикр намудем.

Татбиқи лоиҳаҳои мушаххаси аз ҷиҳати иқтисодӣ муфид дар соҳаҳои саноати хӯрокворӣ ва сабук, мошинсозӣ ва маҷмааи агросаноатӣ дорои дурнамо номида шуд.

Таъсис додани корхонаи «Агротехсервис» оид ба васлу насби техникаҳои беларусии соҳаи кишоварзӣ ва хизматрасонии техникии он дар шаҳри Ҳисор ва инчунин корхонаи муштарак оид ба истеҳсоли маҳсуоти ширӣ дар шаҳри Душанбе намунаи мусбати тавсеаи ҳамгироии мутақобилан судманд байни тарафҳо дар ин соҳаҳо мебошад.

Барои рушди ҳамкорӣ дар чунин бахшҳои аграрӣ, ба монанди ниҳолпарварӣ ва тухмипарварӣ, инчунин истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ иқтидори хуб мавҷуд мебошад.

Аз ҷумла, мо ба таҳвили картошкаҳои тухмии хушсифат ва маводи зотии селексияи беларусӣ ҳавасмандии худро иброз доштем.

Ҷониби Тоҷикистон, дар навбати худ, омода аст, ки содироти меваҳо ва хушкмеваҳои аз лиҳози экологӣ тозаамонро ба Ҷумҳурии Беларус афзоиш диҳад.

Мо ба тавофуқ омадем, ки корро оид ба пешбурди ҳамкорӣ дар самтҳои зикргардида, аз ҷумла, дар доираи Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба масоили ҳамкории иқтисодии фаъолона амалкунанда, идома диҳем.

Зимни музокирот ба масоили таъмиқи ҳамкории фарҳангӣ ва гуманитарӣ таваҷҷуҳи дахлдор зоҳир карда шуд.

Муҳиммияти густариши минбаъдаи муносибатҳои ду кишвар дар соҳаҳои илму маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва сайёҳӣ таъкид карда шуд.

Миёни кишварҳоямон ҳамкории самарабахш дар соҳаи маориф ба роҳ монда шудааст.

Имрӯз дар донишгоҳҳои Ҷумҳурии Беларус тақрибан 1500 нафар донишҷӯён аз Тоҷикистон дар асоси бурсия ва шартномавӣ таҳсил мекунанд.

Дар донишгоҳҳои пешқадами Тоҷикистон факултаҳои муштарак, ки дар доираи онҳо мубодилаи донишҷӯён ба роҳ монда шудааст, амал мекунанд.

Чунин мешуморем, ки фурсати тарҳрезии имконияти татбиқи лоиҳаҳои нави муштараки таълимии Тоҷикистону Беларус фаро расид.

Тоҷикистон ва Беларус иштирокчиёни муҳими равандҳои минтақавӣ ва байниминтақавӣ мебошанд.

Дар робита ба ин, мо бо Александр Григоревич таҳкими иқтидори ҳамгироиамонро дар доираи СММ, ИДМ, СААД, Созмони Ҳамкории Шанхай, ки дар он Ҷумҳурии Беларус дорои мақоми шарики муколама мебошад, инчунин дигар сохторҳои ҳамкории бисёрҷониба, ки ҳарду ҷониб аъзо ҳастанд, ҷонибдорӣ намуданд.

Мо доир ба маҷмӯи масъалаҳои дорои хусусияти минтақавӣ ва байналмилалӣ мубодилаи афкори ҳамаҷониба намудем.

Бо дарназардошти вазъи ташвишовари бааммаломада дар сарҳадҳои ҷанубии кишварҳои ИДМ, масоили амнияти минтақавӣ дар мадди таваҷҷуҳи мо буданд.

Мо ҳавасмандии мутақобиларо дар идома додан ва таҳким бахшидани ҳамгироии мақомоти салоҳиятдори ҷонибҳо дар мубориза бар зидди таҳдидҳо ва чолишҳои ҷаҳонӣ — терроризм, экстремизм ва ҷинояткории муташаккили фаромарзӣ, аз ҷумла қочоқи маводи мухаддир, тасдиқ намудем.

Мо ҳамчунин мушкилоти Афғонистонро, ки нисбат ба он кишварҳои мо мавқеи ҳамсон доранд, муҳокима кардем.

Мо ба талошҳои муштараки минбаъда оид ба мусоидат ба истиқрори сулҳу субот дар Афғонистон дар ҳамаи сиғаҳо изҳори ҷонибдорӣ намудем.

Дар фарҷом мехоҳам дар робита ба натиҷаҳои музокироти имрӯза, ки дар фазои барои муносиботи ду кишвар созанда ва комилан ҳусни тафоҳум сурат гирифтанд, қаноатмандии амиқи худро изҳор намоям.

Онҳо ба мо имкон медиҳанд, ки ба ояндаи наздики муносибатҳои Тоҷикистону Беларус бо умеди бузурги нек назар намоем.

Ман аз муҳтарам Александр Григоревич даъват ба амал овардам, ки бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф орад.

Умедворам, ки идомаи муколамаи судмандамон дар Душанбе ба тақвияти бештари ҳамгироиамон мусоидат менамояд.

**Ташаккур.**

# Мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Беларус

**Баррасии масоили ҳамкории Тоҷикистону Беларус дар вохӯрии хосаи Сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Александр Лукашенко оғоз гардида, дар музокироти сатҳи олӣ бо иштироки ҳайатҳои васеи расмии ду кишвар идома ёфт.**

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Беларус ва Ҳукумати ин кишвар барои пазироии гарму самимӣ изҳори сипосу миннатдорӣ карданд.

Таъкид гардид, ки мулоқоти имрӯзаро мо имкони баррасии ҳолат ва дурнамои ҳамкории кишварҳо дар ҳама ҷанбаҳо мешуморем.

«Тоҷикистон ба робитаҳои дӯстӣ ва дастгирии ҳамдигарӣ бо Ҷумҳурии Беларус, ки аллакай характери шарикии стратегиро касб кардааст, баҳои баланд медиҳад», — таъкид доштанд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Президенти Ҷумҳурии Беларус муҳтарам Александр Лукашенко дар навбати худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба кишвараш хайрамақдам гуфта, аз имкону дидору мулоқоти созанда изҳори хушнудӣ намуд.

Ҷонибҳо зимни мулоқот, ки дар фазои дӯстӣ ҷараён гирифт, омодагии худро барои таҳкими муколамаи сиёсии сатҳи олӣ, тавсеаи ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва муносибатҳои фарҳангию гуманитарӣ байни мамлакатҳо изҳор доштанд.

Чунин омодагӣ ҳамзамон барои ба роҳ мондани робитаи зичу пурсамар байни минтақаҳои ду кишвар ва субектҳои хоҷагидори Тоҷикистону Беларус таъкид шуд.

Зикр гардид, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои судманд истифодаи фаъоли сохтори Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ зарур аст.

Ҳар ду ҷониб аз сатҳи рушди робитаҳо дар соҳаи саноат, аз ҷумла таъсиси корхонаи «Агротехсервис» дар шаҳри Ҳисор оид ба бастубанди техникаи кишоварзии беларусӣ ва хизматрасонии техникӣ, ташкили коргоҳ оид ба истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душанбе, изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Ҷонибҳо ҳамчунин оид ба таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаҳои растанипарварӣ, тухмипарварӣ, инчунин истеҳсоли маҳсулоти ширию гуштӣ, афзоиши содироти меваю хушкмеваҳо ба Беларус ва дигар бахшҳои барои ҳар ду ҷониб судовар табодули андеша карданд.

Дар мулоқот, ҳамчунин, дигар масъалаҳои муҳими бар нафъи мардумони кишварҳо, дар соҳаҳои фарҳангию гуманитарӣ, маориф, тандурустӣ, сайёҳӣ, ҳамкории муассисаҳои олии таълими Тоҷикистону Беларус, азнавсозии парки нақлиётии шаҳри Душанбе бо харидории троллейбусҳои истеҳсоли Беларус ва дигар мавзӯъҳо баррасӣ гардид.

Ҳамкории зичу пурсамари ду кишвар дар доираи ташкилоту созмонҳои бонуфузи минтақавию байналмилалӣ аз қабили СММ, САҲА, ИДМ ва СААД махсус таъкид карда шуд.

Зимни баррасии масъалаҳои таъмини амнияти сартосарӣ ҷонибҳо масъалаҳои таҳкими ҳамгироӣ дар самти мубориза бо таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир, аз қабили терроризму экстремизм, радикализм, ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва ҷиноятҳои кибернетикиро муҳокима карданд.

# Қонуншиканӣ

## ё Носипосӣ дар ҷавоби имтиёзҳо

**Дар Раёсати андози вилояти Суғд таҳти раёсати муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбҷон Солеҳзода ҷаласаи корӣ баргузор шуд. Дар ҷаласа натиҷаи фаъолияти 5-моҳаи андозсупорандагоне, ки дар қайди шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд мебошанд, ҷамъбаст гардид. Дар ҷаласа, асосан, вобаста ба масъалаҳои камбудиҳои ҷойдошта дар ҳисобу пардохти дурусти андозҳо аз ҷониби андозсупорандагони шуъбаи НАМ дар вилояти Суғд, чораҳо баҳри пешгирии вайронкунии қонунгузории андоз ва бо ин роҳ халалдор насохтани фаъолияти соҳибкорӣ суханронӣ сурат гирифт.**

- Рушди соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории истеҳсолӣ яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва заминаи боэътимоди таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ маҳсуб меёбад, - қайд кард Аюбҷон Солеҳзода. - Боиси қаноатмандист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо вуҷуди тағйирёбии вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва амнияти ҷаҳон, дар роҳи пешрафти бемайлони иқтисодӣ, расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва ба ин васила таъмин намудани зиндагии шоистаи аҳолӣ дар ҷодаи амалӣ намудани иқдомҳои созандаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қадамҳои устувор пеш меравад. Бояд қайд намуд, ки Ҳукумати кишвар ба дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда истодааст.

Мутобиқи маълумоти дастрасшуда агар маблағи имтиёзҳои андозӣ дар вилояти Суғд соли 2013 ба 74,3 млн. сомонӣ баробар бошад, пас ин нишондод соли 2018 ба 903,9 млн. сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбати 5 соли охир 12 маротиба зиёд аст. Инчунин маблағи имтиёзҳои пешбинишудаи андозӣ дар соли 2013 нисбат ба маблағи умумии воридоти андозҳои вилояти Суғд 5,9 фоизро ташкил дода, ин нишондод дар соли 2018 ба 34,9 фоиз расида, 5,9 маротиба зиёд мебошад.

Имтиёзҳои андозӣ афзалиятҳое мебошанд, ки тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозсупорандагон дода мешаванд. Ҷавобан ба ин, андозсупорандагон бояд барои ҷустуҷӯй ва дарёфти роҳҳои самаранокии фаъолияташон ҳавасманд гардида, риоя ва иҷрои санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, аз ҷумла муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намоянд.

Мутобиқи маълумоти махзани барномаи компютерии Кумитаи андоз дар 5 моҳи соли 2019 вазни қиёсии маблағи ҳисобшудаи андозҳои андозсупорандагони миёнаи вилояти Суғд нисбати даромади умумӣ 6,5 фоизро ташкил додааст. Аз он ҷумла, вазни қиёсии маблағи андоз аз арзиши иловашуда дар даромади умумӣ 1,6 фоиз ва андоз аз фоида низ 1,6 фоизро ташкил додааст. Агар ин рақамҳоро аз рӯи соҳаи фаъолият муқоиса намоем, пас дар корхонаҳои саноатии вилояти Суғд вазни қиёсии ҳисоби андозҳо 5,8 фоизро ташкил дод. Ё худ дар соҳаи хариду фурӯш вазни қиёсии ҳисоби андозҳо дар вилояти Суғд ба 3,2 фоиз баробар шуд.

Тибқи таҳлилҳо дар давоми чор моҳи соли ҷорӣ аз тарафи андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд дар 1346 ҳолат ба маблағи 55,1 млн. сомонӣ андоз аз арзиши иловашуда барои пардохт ҳисоб шуда бошад, дар 713 ҳолат ба маблағи 45,7 млн. сомониро андоз аз арзиши иловашуда ҳамчун маблағҳои баргардонидашаванда аз ҳисоби буҷет ташкил додааст. Вобаста ба ин ва бо дарназардошти аз тарафи аксари корхонаҳои хариду фурӯш дар эъломияҳои андоз мунтазам зиёд будани маблағи баҳисобгирифташавандаи ААИ нисбат ба маблағҳои ҳисобшуда изофапулиҳои андоз аз арзиши иловашудаи субъектони зертобеи андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд ба санаи 01.05.2019 маблағи 68,8 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали сол ба маблағи 14,2 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Новобаста аз маҳдудиятҳои барномавӣ, таъкидҳо ва огоҳониданҳои пайвастаи мақомоти андоз, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муқаррароти қонунгузории андоз ба таври дахлдор аз ҷониби баъзе аз андозсупорандагон риоя нагардида, онҳо новобаста аз самт ва намуди фаъолияти амалишаванда, дар ҳисоботи худ ҳамон меъёри андоз аз арзиши иловашуда ва ҳамон нишондодҳоеро истифода намуда истодаанд, ки ба онҳо кам пардохт намудани ин намуди андозро имконият дода истодааст. Аз ҷумла, дар эъломияҳои андоз нишон надодани маблағи воридоти гумрукӣ ва дар ин асос кам ҳисоб намудани маблағи ҳама намуди андозҳо, аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда, тавассути навиштани ҳисобномафактураҳои қалбакӣ, яъне, нишон додани амалиётҳои моҳияти иқтисодинадошта дар ҳисоботи андозӣ, пайваста ҳақдор гардидан дар назди буҷети давлатӣ ва инчунин, супорандагони андоз аз арзиши иловашуда аз бемасъулиятии мақомоти ҳудудии андоз истифода намуда, нисбати амалиётҳои анҷомдодаи худ на дар ҳама маврид ҳисобномафактура менависанд, ки дар натиҷа миёни нишондиҳандаҳои ҳисобнома-фактураҳо ва амалиёти андозбандишавандаи дар эъломияҳо нишондодашудаи андозсупорандагон фарқият ба миён омада, ҳолати мазкур боиси аз андозбандӣ дур мондани манбаъҳои андозбандӣ гардида истодааст.

Аз ҳама чизи ташвишовар дар фаъолияти корхонаҳои ба хариду фурӯши молҳои ниёзи мардум машғулбуда ин болонархии мондаи онҳо аст, ки фоизи пастро ташкил медиҳад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки болонархии гузоштаи корхонаҳо ҳатто хароҷоти андозии онро рӯйпӯш наменамояд. Бо чунин тартиб ба роҳ мондани фаъолияти корхонаҳо боис ба он гардида истодааст, ки маблағҳои ҳисобнамудаи андозҳо, аз ҷумла, андоз аз арзиши иловашуда, аз ҷониби онҳо кам гардида, вазни қиёсии андозсупории онҳо фоизи пастро ташкил диҳад.

Бояд қайд намуд, ки мақсад аз таъсису роҳ мондани фаъолияти корхона, пеш аз ҳама, ба даст овардани фоидаи мунтазам аз истифодаи молу мулк, фурӯши молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо мебошад. Омӯзиш ва тахлили рақамҳо ва ҳолатҳои воқеии кор нишон медиҳад, ки андозсупорандагони дар низоми умумӣ фаъолияткунандаи вилояти Суғд, новобаста аз мақсади зикршуда, мунтазам фаъолияти худро гуё бо зарар ҷамъбаст менамоянд.

Таҷрибаи амали байналмилалӣ нишон медиҳад, ки дар ҳолате, ки субъекти соҳибкорӣ фаъолияти худро зиёда аз 2-3 соли молиявӣ бо зарар ҷамъбаст намояд, чунин субъект минбаъд фаъолияти худро давом дода наметавонад ва дар ин маврид тибқи тартиб ё фаъолияти худро қатъ менамояд ва ё муфлис эълон мегардад. Аммо новобаста аз чандин сол бо зарар ҷамъбаст намудани фаъолияти молиявии худ, аксари субъектҳои соҳибкорӣ дар вилояти Суғд дар бозори кору хизматрасони бомуваффақият амал намуда истодаанд. Ба санаи 01.06.2019 дар миқёси вилоят аз шумораи умумии 1308 адад андозсупоранда аз ҷумла, 775 адад зертобеъи шуъбаи НАМ дар вилояти Суғд ҳамагӣ 655 адад эъломияи андоз аз фоидаро барои соли молиявии 2018 пешниҳод намудаанд, ки 84,5 фоизро ташкил медиҳад.

Мутобиқи нишондоди эъломияҳои андоз аз фоидаи соли 2018 таносуби хароҷот нисбат ба даромади умумӣ дар миқёси ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 86,8 фоизро ташкил дода, ин нишондод дар андозсупорандагони миёнаи вилояти Суғд ба 95,1 фоиз баробар мебошад. Инчунин маблағи ниҳоии андоз аз фоидаи барои ҳисобкунӣ ба буҷет 8,3 млн. сомониро ташкил додааст, ки ба 0,2 фоизи даромади умумӣ баробар аст. Ҳиссаи фоидаи андозбандишаванда нисбати даромади умумӣ 4,9 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ҷаласа, чуноне таъкид гардид, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз аз фоида ва дар ин асос ҳисоби дурусти андоз аз фоида аз натиҷаи молиявӣ зарур мебошад, ки ҳангоми пешниҳоди эъломияи андоз аз фоида ва тавозуни муҳосибӣ ба нишондиҳандаҳои зерин аҳамияти зарурӣ дода шавад. Масалан, ҳангоми пешниҳоди эъломияи андоз аз фоида андозсупорандагон даромади умумиро аз таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар алоҳидагӣ аз рӯи амалиётҳои анҷомдодашуда дуруст ва пурра дар сатрҳои алоҳидаи эъломия дарҷ наменамоянд. Аз он ҷумла, андозсупорандагоне, ки ба фаъолияти истеҳсолии молҳо ва дигар намуди фаъолият машғул мебошанд, замимаҳои 1 ва 2 эъломияи андоз аз фоидаро нодуруст пур намуда, даромади умумиро дар сатрҳои дахлдор ворид наменамоянд. Ҳол он ки, дар замимаҳои 1 ва 2 эъломияи мазкур ба андозсупорандагон имконият дода шудааст, ки даромади худро вобаста ба таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар сатрҳои дахлдор вобаста ба хусусияти даромад дуруст дарҷ намоянд. Инчунин, тибқи маълумоти «Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ», ки ба тавозуни муҳосибӣ замима гардидааст, маблағи даромад аз фурӯш бо дарназардошти қарзҳои дебитории тиҷоратӣ зиёд буда, аммо дар эъломияи андоз аз фоида манбаи андозбандишаванда кам нишон дода мешавад.

Камбудиҳои ҷойдошта дар самти ба ҳисоб гирифтани хароҷоти тарҳшаванда, аз ҷумла дар қисмати тарҳҳо бе ҳуҷҷати тасдиқкунанда арзиши аслии молҳои таҳвилшуда, хароҷоти масолеҳи сохтмонӣ мебошад, ки хароҷот доир ба арзиши хизматрасониро барзиёд нишон медиҳанд. Ҳол он ки дар баъзе мавридҳо ҳуҷҷати тасдиқкунандаи хариди молу маҳсулот ва аз кадом андозсупоранда харид намудани онҳо вуҷуд надошта, ба ин восита фоидаи андозбандишавандаро кам нишон медиҳанд. Инчунин дар қисмати тарҳҳо дар сатри «Даромад аз гардиши манфии қурби асъор» ва «Зарар аз мубодилаи асъор» маблағҳои калонро дарҷ намуда, аз ин ҳисоб манбаи андозбандишавандаи андоз аз фоидаро кам нишон медиҳанд, ки дар рафти гузаронидани корҳои назоратӣ чунин хароҷот асоснокии худро намеёбанд. Дар қисмати ба инобат гирифтани зарарҳои аз дигар давраҳо гузаронидашуда, маҳдудияти муқаррарнамудаи моддаи 124 Кодекси андоз дуруст ба инобат гирифта намешавад. Ҳангоми тарҳ намудани ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ аз ҷониби андозсупорандагон муқаррароти моддаи 118 Кодекси андоз ба инобат гирифта намешавад. Яъне, тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, андозсупорандагон ба усулҳои тибқи қонунгузории муҳосибӣ, ки 4 усул пешбинишуда ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокиро ҳисоб намуда, муқаррароти моддаи 118 Кодекси андоз дар баъзе ҳолатҳо ба инобат гирифта нашуда, маблағҳои мазкур аз даромади умумӣ тарҳ карда мешавад. Ҳол он ки тибқи талаботи моддаи мазкур танҳо усули кам кардани маблағи истеҳлок аз маблағи бақияи арзиши воситаи асосӣ иҷозат дода шудааст. Дар сатри «дигар хароҷот» аз ҷониби андозсупорандагон маблағҳои махсусан калон бе нишон додани намуди хароҷот дарҷ карда мешаванд, ки талаби пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иловагии тасдиқкунандаро талаб менамоянд. Дар бисёр ҳолатҳо чунин хароҷотҳои андозсупорандагон беасос буда, тасдиқи ҳуҷҷатии худро намеёбанд.

Чуноне ки аз таҳлилҳо бармеояд, аз ҷониби сармуҳосибон ва роҳбарияти баъзе корхонаҳо талаботи Кодекси андоз, ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ" риоя карда нашуда истодааст. Риоя нагардидани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз як тараф ба буҷети давлати зарар расонида, аз тарафи дигар боиси содир гардидани қонунвайронкуниҳо ва минбаъд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони масъули корхонахо мегардад.

Дар ҷаласа таъкид карда шуд, ки бо мақсади минбаъд халалдор насохтани низоми фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ зарур аст, ки андозсупорандагон худ минбаъд доир ба пешгирӣ ва ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта амал намуда, интизоми риояи муқаррароти Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи муҳосибот ва андозро дар фаъолияташон дуруст ба роҳ монанд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Ошкоркунии андозҳои пинҳонӣ

**- Мақомоти ҳудудии андоз дар вилояти Хатлон дар фаъолияти 816 андозсупоранда ба маблағи 13867,4 ҳазор сомонӣ назорати камералӣ гузарониданд, - гуфт мутахассиси шуъбаи санҷиши андозҳои раёсати андоз дар вилоят Насрулло Саидов.**

- Пас аз гузаронидани назорати камералӣ ба унвонии андозсупорандагон огоҳинома ирсол шуда, аз тарафи андозсупорандагон ҷиҳатиислоҳи камбудиҳо ба маблағи 9718,2 ҳазор сомонӣ эъломияҳои иловагии андоз пешниҳод гардидааст. Аз ҳисоби эъломияҳои иловагии пешниҳодгардида 3678,3 ҳазор сомонӣ маблағҳои изофа пардохтнамудаи андозсупорандагон пӯшонида шуд. Н. Саидов аз ҳисоби эъломияҳои иловагии пешниҳодшуда ба буҷет 3433,6 ҳазор сомонӣ пардохт гардидааст.

Мувофиқи моддаи 18 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупоранда ҳуқуқ дорад, ки аз мақомоти андоз оид ба андозҳои амалкунанда ва тағйирот дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин оид ба тартиби ҳисоб ва пардохти андозҳо ва пур кардани шаклҳои ҳисоботи андоз маълумот бигирад. Оид ба санҷиши ҳуҷҷатии дарпешистода огоҳинома гирад ва ҳангоми гузаронидани назорати андоз иштирок намояд. Хуллас, дар ҳамин шакл қонунгузории андоз вазифаву уҳдадорӣ ва ҳуқуқҳои андозсупорандаро муайян намудааст. Аз ин лиҳоз, кормандони Раёсати андоз дар вилояти Хатлон баҳри баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқии андозсупорандагон бештар корҳои фаҳмондадиҳиву семинармашвараиҳоро ба роҳ мондааст. Итминон меравад, ки баргузории чунин суҳбату вохӯриҳо донишу фаҳмиши ҳуқуқии андозсупорандагонро баланд хоҳад бардошт.

**С. РУСТАМ**

# Фаъолияти шаффоф

**"Ҷиҳати дар сатҳи замонавӣ ташкил намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва боз ҳам содаву сабук гардонидани ҷараёни андозсупорӣ, ки яке аз роҳҳои таъмини шаффофияти фаъолияти соҳа низ ба ҳисоб меравад, аз соли 2012 тартиби ба тариқи электронӣ пешниҳод кардани эъломияҳо ҷорӣ карда шуд",** - таъкид карда буданд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар.



Набзи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии имрӯзи мамлакат талаб менамояд, ки дар ҳама ҷабҳаҳои хоҷагии халқ барои рушду инкишофи фаъолияти озодонаи соҳибкории хурду миёна шароити мусоиди корӣ фароҳам оварда шуда, монеаҳои мавҷуда, ки садди роҳи инкишофи босуръати фаъолияти соҳибкорӣ мегардад, аз байн бардошта шавад.

Ҳоло дар кишварамон барои соҳибкорон ва сармоягузорон имтиёзҳо ва сабукиҳои зиёди андозӣ муқаррар шудаанд. Вале, тавре аз натиҷаҳои корҳои назоратии мақомоти андоз бармеояд, ҳанӯз ҳам баъзе аз андозсупорандагон, новобаста аз пайваста гузаронидани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, дидаву дониста ба вайрон кардани қонунгузории андоз роҳ медиҳанд.

Мо аксар вақт мушоҳида мекунем, ки баъзе андозсупорандагон дар фаъолияти хеш аз мошинҳои назоратӣ- хазинавии дорои хотираи фискалӣ умуман истифода намекунанд ё ба харидор чиптаи МНХ-ро намедиҳанд. Ин ҳолатро мо нисбати нуҳ нафар соҳибкори ҳуқуқию инфиродии шаҳри Турсунзода, ки дар моҳи марти соли ҷорӣ дар фаъолияти онҳо хариди назоратӣ гузаронида шудааст, мушоҳида мекунем.

Соҳибкори инфиродӣ Салоҳиддин Мейликов барои вайрон намудани қонуниятҳои андоз на як бору ду бор аз тарафи кормандони андози шаҳри Турсунзода огоҳ карда шуда буд. Вале ӯ ҳар маротиба худро ба нодонӣ зада, аз таъини ҷазо дар канор мемонд. Ниҳоят хариди назоратии охирҳои моҳи марти соли ҷорӣ гузаронидашуда ин дафъа ба найрангбозиҳои ӯ нуқта гузошт. Барои таъмин накардани нигоҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, аз ҷумла лентаҳои назоратӣ ва тартиби вайрон намудани пешбурди Дафтари бақайдгирии пули нақдӣ ва расидҳо ӯро барои чунин амалҳои номатлубаш мутобиқи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4400 сомонӣ ҷарима намуданд.

Дар мағозаи хариду фурӯши масолеҳи сохтмонӣ (мудираш Сайалӣ Назиров) баъди дахолати бевоситаи кормандони мақомоти андоз мошини назоратӣ-хазинавиро аз зери пештахта дастрас намуда, ба худсафедкунӣ даромад. Вақте ки кормандони нозироти андоз сабаби то соати 10-и пагоҳӣ аз МНХ истифода накарданашро пурсон шуданд, ӯ забон хоида, "рости гап савдоямон суст аст" гуфта монд. Ҳангоми суҳбат С. Назиров иқрор шуд, ки дар ҳақиқат то ин соат ба чанд харидор хизмат расонда, ба онҳо чиптаи МНХ надодааст. Тибқи талаботи моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4400 сомонӣ ҷарима кардаанд.

Дар мағозаи молҳои ниёзи мардум (мудираш Карим Маматқулов) то соати 10. 30 дақиқаи рӯз ҳамагӣ ба як нафар чиптаи хариди мол дода шуда буду халос. Вақте сабаб пурсиданд, ӯ дар ҷавоб аввал ба кор дертар омаданашро сабаб нишон дод, вале чун дид, ки ҷавоби додааш ба ҳақиқат рост намеояд, гуноҳро ба гардани харидорон бор намуд:

**- Харидорон нисбат ба чиптаи МНХ таваҷҷуҳ надоранд, аксар вақт чиптаи додаи моро боз ба худамон бармегардонанд. Чунин ҳолатҳо сабаб мешаванду мо дар додани чипта камҳавсалагӣ зоҳир мекунем, - узрхоҳона посух дод К. Маматқулов.**

Хариди назоратӣ чунин камбудиҳоро дар фаъолияти нуқтаи дорухонаи ҶДММ "Дар-дар", мағозаи масолеҳи сохтмонӣ (мудираш Лобархон Ҳаитова), нуқтаҳои хариду фурӯши сӯзишвории ҶДММ "Раззоқ-2015", ҶДММ "Файзу баракат", ҶДММ "Октан сервис" ва ошхонаи миллӣ (мудираш Санҷар Самиев) ошкор намуда, нисбаташон мутобиқи моддаҳои 614 ва 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбаташон ҷаримаҳои маъмурӣ таъин намуданд.

Аз ин рӯ, соҳибкоронро зарур аст, ки зимни истифодаи МНХ масъулият эҳсос кунанд ва ба харидорон ҳатман чиптаи МНХ-ро пешниҳод намоянд. Ҳамзамон, ҷиҳати тақвият бахшидан ба раванди таъмини соҳибкорон бо МНХ нозироти андози шаҳр корро дар ин самт бояд ҷоннок ба роҳ монад.

**Муҳаммадӣ ТАБАРЗОДА,**
**шаҳри Турсунзода**

## ЭЪЛОН

# БА ТАВАҶҶУҲИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ менамояд, ки тибқи муқаррароти моддаи 51 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Тартиби пешниҳоди ҳисоботҳои андоз дар шакли электронӣ", ки бо Фармоиши Кумитаи андоз аз 26.01.2013, №2-Ф тасдиқ шудааст, дар мақомоти андоз тартиби дар шакли электронӣ қабул намудани эъломияҳои андоз ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади таъмини иҷрои қисми 2 банди 8 зербанди г) сархати панҷуми Барномаи рушди маъмурикунонии андоз, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2010, №626 тасдиқ шудааст, огоҳ менамоем, ки барои гузариш ба пешниҳоди ҳисобот ва эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ то санаи 1 июли соли 2019 худро дар мақомоти андоз ба қайд гиред.

Ба таваҷҷуҳи шумо мерасонем, ки бо мақсади дастгирӣ ва беҳтар намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон гузаштан ба тартиби дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳо андоз аз 20 майи соли 2019 ба таври ройгон анҷом дода мешавад.

**Хотиррасон менамоем, ки дар сурати то 1 июли соли 2019 ба тариқи пешниҳоди электронии эъломияҳо нагузаштан, дохил намудани эъломияҳои андоз дар шакли қоғазӣ пешниҳодшуда ба барномаи Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо қатъ мешавад.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# В Новой Зеландии жители известного курорта выступили за введение турсбора

**Жители Куинстауна, города-курорта в Новой Зеландии, проголосовали за повышение налогов с туристов, сообщает Travel Mole.**

Идею нового сбора поддержал 81% горожан, голосование проходило в туристических центрах Новой Зеландии.

Планируется ввести так называемый налог «на кровать», то есть платить придется тем, кто будет останавливаться в гостиницах курорта.

В прошлом году Куинстаун посетили 3,3 миллиона человек.

Напомним, что недавно правительство Новой Зеландии ввелотуристический налог в размере 35 долларов США для всех иностранных путешественников, за исключением жителей Австралии и островов Тихого океана. Но местные чиновники посчитали, что этого недостаточно

# Камбудиҳо дар пешниҳоди эъломияҳои андоз



**Натиҷаи таҳлилҳои гузаронидаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ҷиҳати дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ ва пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани манбаъҳои андозбандишаванда дар аксар ҳолатҳо корҳои таҳлилию назоратиро анҷом нададаанд, ки ин боиси аз андозбандӣ дур мондани як қатор манбаъҳои андозбандӣ гардидааст.**

Тавре аз Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, тибқи таҳлил ва коркарди тавозуни заминҳои шаҳру ноҳияи вилояти Суғд як гурӯҳ андозсупорандагон дар эъломияҳои ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаашон масоҳати қитъаҳои замини вобасташудаи худро нишон надодаанд.

Тибқи маълумоти Кумитаи идораи замини шаҳри Конибодом ба 11 адад шахси ҳуқуқӣ ва муассисаҳои таълимӣ, дар маҷмӯъ, ба масоҳати 767,6 гектар қитъаҳои замин ҷудо шудааст, аммо андозсупорандагони мазкур ба нозироти андоз ҳисоботи андози ягона ё андози заминро пешниҳод накардаанд, ки ин дар натиҷа, боиси аз андозбандӣ дур мондани масоҳатҳои қитъаи замин ва музди меҳнати ба коргарони кироя онҳо пардохтшуда гардидааст.

Ба ҳамин монанд, дар Нозироти андоз дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз ҳисоби 9 адад шахси ҳуқуқӣ майдони 3428,0 гектар ва Нозироти андоз дар шаҳри Истаравшан аз ҳисоби 17 субъекти хоҷагидор майдони 1246,7 гектар масоҳати қитъаҳои замин аз андозбандӣ дур мондаанд. Чунин ҳолат дар дигар минтақаҳои ҳудуди вилоят низ ба назар мерасад. Дар натиҷаи амалӣ намудани чорабиниҳо ва ташкили табодули маълумот Кумитаи андоз дар доираи барномаи рушди маъмурикунонии андозҳо тибқи Созишномаи ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии идораи замин маълумоти бақайдгирифташуда доир ба объектҳои молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ҳамарӯза дар шакли электронӣ ба махзани маълумоти Кумитаи андоз ворид гардида истодаанд.

Дар натиҷаи коркард ва таҳлили маълумот муайян шудааст, ки ба ҳолати 1 июни соли 2019 тавассути Кумитаи идораи замин маълумоти 17344 шахси воқеӣ вобаста ба объектҳои молу мулк ва ҳуқуқҳо ба он ба Кумитаи андоз ворид гардидааст, ки аз ин 9831 адад объекти молу мулки ғайриманқул ва 12497 қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҷудо шудааст, ки аз шумораи объектҳои дар қайди мақомоти андозбуда, мутаносибан объектҳои молу мулки ғайриманқули ба сифати хонаҳои истиқоматӣ 4786 адад ва қитъаҳои замин 6082 адад дар қайди нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд мебошанд, ки тафовути объектҳои молу мулки дар қайди мақомоти андознабуда аз ҳисоби объектҳои молу мулки ғайриманқул 5045 адад бо масоҳати 840,3 метри мураббаъ ва қитъаҳои замин 6415 адад бо масоҳати умумии 631,0 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Аз ин хотир, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раёсати андоз дар вилояти Суғд ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилоятро вазифадор мекунад, ки маълумоти аз Кумитаи идораи замин воридшударо аз рӯи таъинот мунтазам мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор диҳанд. Ҳамзамон, барои ба андозбандӣ ҷалб намудани объектҳои молу мулки ғайриманқул ва бақайдгирии онҳо дар мақомоти андоз ва дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ, аз ин ҳисоб чораҳои иловагӣ андешанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Тадбирҳо баҳри таъмини нақша

**Анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ яке аз самтҳои муҳиму афзалиятноки фаъолияти Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ба ҳисоб рафта, тибқи нақша дар 5 моҳи аввали соли 2019 ҷиҳати тарғиби қонунгузории андоз ва баланд бардоштани маърифати андозсупорӣ, дар марказҳои калони савдо, бозорҳо ва дигар ҷойҳои фаъолияти андозсупорандагон бо иштироки зиёда аз 3,5 ҳазор шаҳрвандону соҳибкорон 129 маротиба семинар - машварат гузаронида шудааст.**

Бо мақсади кам намудани бақияи қарзҳои андоз ва роҳ надодан ба зиёдшавии онҳо, барои тадриҷан кам кардани он мақомоти андоз аз тамоми имконияти пешбининамудаи қонунгузорӣ истифода намуда истодааст.

Мутобиқи маълумоти пешакӣ бақияи қарзи андозҳо дар шаҳри Душанбе ба санаи 1 майи соли 2019 -ум 77,1 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли ҷорӣ дар ҳаҷми 687,6 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст. Афзоиши бақияи қарзи андозҳо нисбат ба аввали соли ҷорӣ, асосан, дар фаъолияти андозсупорандагони ноҳияҳои Фирдавсӣ (1150,2 ҳазор сомонӣ) ва Сино (738,6 ҳазор сомонӣ) дида мешавад. Дар дигар ноҳияҳои шаҳри Душанбе бақияи қарзи андозҳо то андозае кам гардидаанд.

Яке аз чораҳои аввалиндараҷаи мақомоти андоз, ки қабл аз татбиқ намудани чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо амалӣ карда мешаванд, ин ба андозсупорандагони қарздор ирсол намудани огоҳиномаҳо оид ба ихтиёран ба буҷет пардохт кардани маблағи қарзи андозҳо мебошад. Тибқи маълумот дар 5 моҳи соли 2019 аз ҷониби мақомоти андоз дар шаҳри Душанбе ба зиёда аз 450 андозсупорандаи қарздор огоҳиномаҳо ирсол гардидааст, ки аз ин ҳисоб ба буҷет беш аз 9,6 млн. сомонӣ маблағи бақияи қарзи андозҳо ворид шудаанд.

Дар баробари ин, дар ин давра нисбати андозсупорандагони қарздор 641 адад қарорҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи умумии 38,3 млн. сомонӣ қабул ва аз ҳисоби қарорҳои қабулгардида ба буҷет зиёда аз 23,1 млн. сомонӣ қарзи андозҳо ворид шудаанд, ки 60,4 фоизи маблағи умуми қарорҳоро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, аз ҳисоби қарорҳои иҷронагардидаи соли 2018, ки маблағи умумии он 17,8 млн. сомониро ташкил менамуд, дар ин давра 7,2 млн. сомонӣ қарзи андозҳо ситонида шудаанд. Дар маҷмӯъ, аз ҳисоби қарорҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳои солҳои 2018 - 2019 ба буҷет зиёда аз 30,3 млн. сомонӣ қарзи андозҳо ворид гардидааст.

Ҳамин тариқ, Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе баҳри таъмини иҷрои қарорҳои қабулгардида, кам намудани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор тамоми чораҳои иловагиро андешида, кӯшиш доранд, ки дар давраҳои минбаъдаи соли ҷорӣ иҷрои нақшаи андозҳо ва пардохтҳоро ба буҷет сари вақт ва босифат таъмин намоянд.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

## ЭЪЛОН

### Муҳтарам андозсупорандагон!

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки аз соли 2013 сар карда, ба шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳо ва ҳисобот ба роҳ монда шудааст.**

Гузариш ба шакли электронии эъломия ройгон буда, барои дастрасӣ ба он ба мақомоти андоз нусхаи шиноснома, ваколатнома ва иқтибос аз Феҳристи ягонаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар ҳолати гузариш ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо ва ҳисобот шумо имкон пайдо менамоед, ки аз ҳамаи 36 намуди хизматрасониҳои электронии Кумитаи андоз, аз ҷумла гирифтани маълумот аз ҳисобварақа оид ба ҳисоб ва пардохти андозҳо, бақияи қарзи андоз ва тартиб додани санади муқоисавӣ истифода намоед.

**Оид ба масъалаи гузариш ба шакли электронии пешниҳоди эъломия ва ҳисобот метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз www.andoz.tj ва рақами телефонии 151 ё мақомоти ҳудудии андоз маълумоти иловагӣ дастрас намоед.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# В Швеции появится налог на пластиковые пакеты

### Местные власти хотят выполнить установленный ЕС норматив



В Швеции в 2020 г. будет введен налог на пластиковые пакеты: 3 кроны ($0,33) — на стандартный и 0,3 кроны ($0,03) — на более тонкий. В итоге приобретение стандартного пакета обойдется покупателю до 7 крон ($0,77), сообщает ТАСС.

Нововведение, как считают его авторы, должно заставить потребителей задуматься над тем, а так ли уж нужен им очередной пакет. Власти страны отмечают, что данным удорожанием пластиковой тары они смогут обеспечить выполнение установленного ЕС норматива в 40 пакетов на одного человека в год.

Кроме задачи стать «сдерживающим фактором» новый налог обеспечит поступление в бюджет государства 2,9 млрд крон ($320 млн) ежегодно. Стоит отметить, что пока не известная точная дата введения налога.

**http://taxpravo.ru/**

# Ҳамкорӣ бо андозсупорандагон

**Тибқи маълумот дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин 195 соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда ва 52 соҳибкори тибқи шаҳодатнома амалкунанда дар нозироти андози ноҳия ҳамчун андозсупоранда ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд. Дар ноҳия шумораи соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда нисбат ба солҳои қаблӣ бештар гардида, саҳми онҳо дар ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ назаррас мебошад.**

Тавре мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ бо соҳибкорони инфиродӣ нозироти андози ноҳия Фаридун Ҳасанов иттилоъ дод, соҳибкорони ноҳия фаъолияти худро дар доираи қонунгузории андоз ба роҳ монда, саҳми худро дар ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ гузошта истодаанд. Бо мақсади сари вақт пардохт намудани маблағи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз тарафи кормандони нозироти андози ноҳия пайваста бо андозсупорандагон корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳотӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар ноҳия шумораи соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда нисбат ба соли сипаригардида 11 адад зиёд шудааст. Бақияи қарзи андоз аз ҳисоби соҳибкорони дар асоси патент амалкунанда 14 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Кормандони нозироти андози ноҳия бахри рӯёнидани бақияи қарзи андоз дар 5 моҳи соли ҷорӣ ба суроғаи андозсупорандагон 97 огоҳинома ирсол намуда, аз ҳисоби огоҳиномаҳои ирсолшуда 53 ҳазору 200 сомонӣ маблағи андоз ба буҷети давлатӣ пардохт гардид.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## США не готовы начать переговоры по пошлинам, заявили в Еврокомиссии

**США не готовы начать с Евросоюзом торговые переговоры по вопросу пошлин, заявила еврокомиссар по торговле Сесилия Мальмстрем.**



«Со стороны ЕС мы готовы к их началу, у нас есть мандат… Но я не думаю, что США готовы начать переговоры по пошлинам», - заявила журналистам еврокомиссар, слова которой приводит агентство Рейтер.

Мальмстрем не уточнила, что именно мешает Вашингтону приступить к обсуждению пошлин. Агентство отмечает, что страны ЕС поручили Мальмстрем переговоры по определенному кругу вопросов, куда не входит сельскохозяйственная продукция, на обсуждении которой настаивают США.

Президент США Дональд Трамп заявил в июне 2018 года, что США введут ввозные пошлины в 20% на автомобили из Евросоюза. Он также поручил министру торговли страны Уилбору Россу начать расследование, угрожает ли импорт автомобилей нацбезопасности и должен ли этот импорт облагаться налогом. Однако уже в июле США и ЕС договорились воздерживаться от введения новых пошлин на время проведения торговых переговоров.

**https://ria.ru**

**Дар ҷаласаи корие, ки дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, сабабҳои сари вақт таъмин нагардидани бандҳои алоҳидаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои муомилоти маҳсулоти нафту газ ва талабот нисбат ба низоми компютерӣ оид ба назорати хизматрасонии электронии онҳо» аз 01.03.2018, №82 ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолият доир ба дуруст ба роҳ мондани кор дар ин самт мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

# Баррасии масъалаҳои муҳим



Дар ҷаласа муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбҷон Солеҳзода, сардори Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсулло Кабирзода, сардори шуъбаи Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Давлатзода, директор, муовини директор ва сармуҳосиби ЧСП «Фароз-пардохт», ширкат ва суханронӣ намуданд.

А. Солеҳзода таваҷҷуҳи масъулони Кумитаи андоз ва ЧСП “Фароз-пардохт”-ро, ҳамчун ширкати хизматрасон дар самти таҳия ва ба истифода додани барномаи компютерии баҳисобгирии амалиёти интиқоли нафту газ, ба камбудиҳои ҷойдоштаи соҳа, ки боиси дар сатҳи дахлдор сари вақт ва пурра таъмин нагардидани иҷрои бандҳои алоҳидаи қарори мазкур шудаанд, ҷалб намуда, қайд кард, ки ҳарчанд аз қабули қарори мазкур зиёда аз як сол гузашта бошад ҳам, аммо то ба ҳол таъмини талаботи банди 4-и қарори мазкур аз ҷониби тарафҳо ба роҳ монда нашудааст.

Тибқи банди 4-и қарори мазкур мебоист ба муомилоти яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ бо истифодаи низоми электронии баҳисобгирии амалиёти интиқоли нафту газ, субъектҳои хоҷагидорӣ ба савдои яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ машғулбуда, то 1 июли соли 2018 пурра гузашта, тартиби минбаъдаи фаъолияти худро бо ҳамин тарз ба роҳ мемонданд ва дар баробари ин, то 1 сентябри соли 2018 тамоми нуқтаҳои автоматикии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои маҳсулоти нафту газ, бо таҷҳизоти дорои низоми электронии баҳисобгирии амалиёти нафту газ насб карда мешуданд.

Қайд гардид, ки супоришҳои протоколии ҷаласаҳои қаблии гузаронидашуда доир ба ислоҳ ва бартараф намудани камбудӣ ва норасоиҳои ҷойдошта дар ин самт то ба имрӯз аз тарафи шахсони масъули ширкати хизматрасон ба таври дахлдор иҷро нагардидааст. Аз ҷумла, дар протоколи қаблии ҷаласаи корӣ ЧСП «Фароз-пардохт» вазифадор шуда буд, ки барои сари вақт ва дар муҳлати муқарраргардида, таъмин намудани иҷрои банди 4-и қарори мазкур аз ҷумла, ҷиҳати гузаронидани анборҳои нигоҳдории маҳсулоти сӯзишворӣ ба низоми электронӣ чораҷӯӣ намояд. Мутаассифона, ба ҳолати 18-уми июни соли 2019 раванди насб намудани колонкаҳои НФС бо таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ ба талаботи имрӯза ҷавобгӯӣ нест.

Бинобар ин, бо мақсади сифатнок ва пурра таъмин намудани иҷрои банди 4-и қарори мазкур, А. Солеҳзода ба кормандони масъули Кумитаи андоз ва ба ширкати ЧСП «Фароз-пардохт» супоришҳо доданд.

А. Солеҳзода, ҳамчунин, доир ба рафти интиқоли маълумоти барномаи компютерии таҳиянамудаи ширкати хизматрасон ба махзани Кумитаи андоз суханронӣ намуда, қайд кард, ки дар ин самти фаъолият низ камбудиҳо ба назар мерасанд, дар баъзе мавридҳо такроршавии маълумот дар фаъолияти субъектҳои алоҳида мавҷуд буда, маълумоти ирсолгардида дар қиёс ба маълумоти Кумитаи андоз, фарқият ҷой доранд. Ҳолати мазкур маъмурикунонии минбаъдаи манбаъҳои андозбандии субъектҳои соҳаро аз ҷониби мақомоти андоз аз ҳисоби амалиётҳои анҷомдодаи онҳо душвор гардонида, боиси ба миён омадани баҳсҳо дар ин самт мешаванд.

Омӯзиши махзани маълумот нишон медиҳад, ки пас аз дигар шудани молики НФС, номгӯи субъект дар барномаи компютерии таҳиягардида дигар нашуда, дар баъзе мавридҳо бо як Рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) дар барномаи мазкур ду ва ё зиёда аз он субъекти алоҳидаро ба қайд гирифтаанд.

Бо дарназардошти дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намондани корҳои фаҳмондадиҳӣ байни субъектҳои соҳа аз ҷониби ширкати ЧСП «Фароз-пардохт» доир ба тартиби дуруст истифода кардан аз барномаи компютерии дарназардошташуда (аз ҷумла, дар мавриди дар барнома дуруст риоя накардани тартиби ҷамъбасти рӯз), ҳолати мазкур боиси он гардида истодааст, ки маълумот ба махзани Кумитаи андоз пурра ва дуруст интиқол дода намешаванд.

Чуноне дар ҷаласа қайд гардид, бо қабули қарори мазкур дар оянда, бо дарназардошти ба роҳ мондани низоми электронии баҳисобгирии ҳаҷми амалиётҳои корхонаҳои соҳаи сузишворӣ, барои мақомоти андоз замина фароҳам оварда мешавад, ки фаъолияти субъектҳои соҳаи мазкурро тахти назорати пайваста қарор дода, дар ин асос манбаъҳои андозбандии онҳоро зиёд ва шаффофиятро дар ҳисоботи андозии онҳо барқарор намоянд. Бинобар ин, бо дарназардошти пурра таъмин нагардидани иҷрои банди 4-и қарор оид ба пурра фаро гирифтани тамоми субъектҳои соҳа ба низоми нави муқарраршуда ва ҷой доштани як қатор камбудиҳо, бо гузаштани зиёда аз як сол, корҳои анҷомдода дар ин самт натиҷаи дилхоҳ надода истодаанд.

Вобаста ба ин роҳбари ЧСП «Фароз-пардохт» Ё. Бегеҳмадов қайд намуд, ки аз сабаби омода набудани супоришҳои техникӣ, натавонистанд дар муҳлати муайяншуда иҷрои қарори мазкур таъмин намоянд, аз ин рӯ, кӯшиш менамоянд, ки дар муҳлати кутоҳтарин камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф ва корро дар ин самт ҷоннок намоянд.

А. Солеҳзода хотиррасон кард, ки аз тарафи Кумитаи андоз дар якҷоягӣ бо намояндагони ЧСП «Фароз-пардохт» бо андозсупорандагоне, ки ба фурӯши маҳсулоти сӯзишворӣ машғул мебошанд, дар вилоятҳои Хатлону Суғд ва шаҳри Душанбе дар давоми соли 2018 ва 4 моҳи соли ҷорӣ як қатор ҷаласаи алоҳидаи корӣ гузаронида, иҷрои қарори мазкур аз субъектҳо талаб карда шуда буд. Пешниҳод шуда буд, ки маблағи ҳаққи хизматрасонии ширкати хизматрасон (0,05 сомонӣ) ва нархи таҷҳизоти таъминкунанда кам карда шавад. Чунки, дар ҳоли ҳозир, бо дарназардошти дигар хароҷот пардохти маблағи мазкур мушкилиҳои молиявиро барои онҳо ба миён оварда истодааст. Аз ин лиҳоз, ЧСП «Фароз-пардохт»-ро зарур аст, ки ҷиҳати аз байн бурдани норозигии субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар ин қисмат, тарифҳои муайяннамудаи худро дар доираи имконият бори дигар мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Аз рӯи масъалаҳои баррасишуда ҷаласаи корӣ қарор қабул намуд.

**М. ҶУМЪА**

# Маҳдуд кардани фаъолияти ширкатҳои «якрӯза»



Мақомоти андоз дар самти пешгирии фаъолияти ширкатҳои «якрӯза» солҳои охир корҳои назаррасро ба анҷом расонида истодааст. Муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Назрулло Маликзода изҳор медорад, ки яке аз категорияҳои иқтисодиёти ғайрирасмӣ ин фаъолияти иқтисодии як гурӯҳ субъектҳои хоҷагидоре аст, ки амалиётҳои анҷомдодаи онҳо, бино бар ғайриқонунӣ буданашон, аз ҷониби мақомоти андоз ва омор пурра ба ҳисоб гирифта намешавад. Чунин субъектҳо бо мақсади канораҷӯӣ аз пардохти маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатӣ, бо ҳар роҳу восита кӯшиш менамоянд, ки ба мақомоти андоз ва омор қасдан маълумоти таҳрифшуда ва нодурустро пешниҳод намоянд ва дар ҳисобдории муҳосибӣ дар ҳаҷми пурра амалиётҳои молиявии анҷомдодаи худро ифшо насозанд. Пурра нишон надодани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасониҳо, шумораи кормандони кироя ва фонди музди меҳнати онҳо, дуруст ба роҳ намондани ҳисобу китоби аниқи захираҳои мавҷуда, аз будаш зиёд нишон додани хароҷоти тарҳшаванда, пурра нишон надодани даромади умумӣ, кам нишон додани болонархии таҳвили молҳои воридотӣ ва ғайраҳо асоси кори чунин ширкатҳои ғайрирасмист.

Назрулло Маликзода натиҷаи корҳои таҳлиливу назоратии мақомоти андозро амали саривақтӣ медонад. Ӯ мегӯяд, ки чунин шахсон ҳангоми ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидани молҳо, молҳои дигар шахсонро бо додани боваринома ба номи ширкатҳои худ ба расмият дароварда, барои ба иқтисодиёти пинҳонӣ машғул гардидани корхонаву ташкилотҳои дигари воқеан амалкунанда муосидат намуда истодаанд. Ин дар натиҷа, боиси дар ҳаҷми пурра нишон надодани даромади умумӣ ва пинҳонкунии манбаъҳои андозбандишаванда мегардад. Чунин ширкатҳои “якрӯза”, амалиётҳои воридотиеро, ки ба номашон ба расмият дароварда мешавад, бо ҳар роҳу восита дар ҳисобот нишон надода, аз пешниҳоди эъломияҳо ва ҳисобу пардохти андозҳо саркашӣ намуда истодаанд. Ин гуна субъектҳо дар эъломияҳои андоз, аз ҷумла, эъломияҳои ААИ таҳвили минбаъдаи молҳои воридотии ба номи худ ба расмияти гумрукӣ даровардаро пурра ва ё умуман нишон намедиҳанд, ки дар ҳисобварақаҳои ҳисоббаробаркунии онҳо изофапулиҳои беасоси ААИ ба миён меояд.

Баъзе аз чунин ширкатҳо худро ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда дар мақомоти андоз ба қайд гирифта, дар асл амалиёти андозбандишавандаи андоз аз арзиши иловашударо анҷом намедиҳанду ҳисобнома - фактураи қалбакии андоз аз арзиши иловашударо ба қабулкунандагони молҳои худ пешниҳод менамоянд, ки ин боиси вайрон шудани тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз арзиши иловашуда гардида, аз ҷониби харидорони молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо онҳо дар эъломияҳои ААИ ва эъломияи андоз аз фоида маблағҳои ҳисобшудаи ин намуди андоз беасос кам мешавад.

Ёдрас мешавем, ки мутобиқи талаботи зербанди б) банди 51 моддаи 17 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати аз ҷониби андозсупорандагон бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда пешниҳод намудани ҳисобнома - фактураи андоз аз арзиши иловашуда, ба расмият даровардани воридоти молҳои дигар субъектҳо ба номи худ, набудани шартномаҳо бо шарикони хориҷӣ (субъектҳои хориҷии содиркунандагони ин молҳо) ва ҷой надоштани ҳуҷҷатҳои бонкии тасдиқкунандаи интиқоли маблағҳо ба шарикони хориҷӣ, чунин андозсупорандагон ба рӯйхати “Андозсупорандагони бемасъулият” дохил мешаванд.

Ин аст, ки мақомоти андоз ҳангоми гузаронидани корҳои таҳлиливу назоратӣ дар фаъолияти андозсупорандагон, аз критерияҳои (хавфҳои) муайянгардида истифода намуда, бахри пешгирӣ кардани ҳама гуна қонуншиканиҳои соҳаи андоз аз ҷониби чунин субъектҳо чораҷӯӣ менамоянд ва ҷиҳати маҳдуд намудани хизматрасониҳои электрони барномаҳои компютерии СИА барои онҳо тадбирҳо меандешанд.

Мақомоти андоз бо амалӣ гардонидани барномаҳои нави компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо ва «Пайгирии ҳисобнома-фактураҳои ААИ» то андозае тавонистанд садди роҳи пешниҳоди ҳисобнома-фактураҳои қалбакии ААИ гарданд. Ҳамин аст, ки давоми соли 2019 барои онҳое, ки аз «хизматрасониҳои» ширкатҳои «якрӯза» истифода менамуданд, манфиатовар нагардид. Ин ҳама, албатта, аз натиҷаи кори пайвастаи ҷиддии мақомоти андоз дар мубориза бо беҳгардонии маъмурикунонии андоз аст.

Қаблан то амали гардидани барномаҳои иттилооти андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти ширкатҳои «якрӯза» босуръат афзоиш меёфт ва бо навишти ҳисобнома-фактураҳои қалбакии ААИ воридоти маблағи ин намуди андозро ба буҷети давлатӣ доимо коҳиш медод. Дар соли 2018 яке аз сабабҳои амалӣ нашудан ва ба буҷет ворид нагардидани ААИ дасти маҳз ширкатҳои ба ном «якрӯза» буд. Бинобар ин, самти мазкур тағйироти куллиро талаб менамуд. Дар ин асно ҳам маъмурикунонии андоз ва ҳам дар санадҳои дохили соҳави мақомоти андоз мутобиқ ба талаботи Кодекси андоз ва дигар қонунгузории андоз тағйироти куллӣ ворид шуд, ки он аллакай дар давоми соли 2019 натиҷаи хуб додааст. Ин, албатта, аз муваффақияти кори мақомоти андоз дар солҳои охир дар мубориза алайҳи онҳо аст.

Н. Маликзода гуфт, ки аксари ширкатҳои “якрӯза” ба тарҳи фаъолияти ғайриқонунӣ, аз ҷумла нақши пулҳоро аз бонк нақд намуда гирифтан, маблағҳои андоз аз арзиши иловашударо аз худ намудан, баровардани пул ба хориҷа, тендерҳои қалбакӣ, гирифтани активҳо аз корхонаҳои муфлисшуда ва ғайра алоқамананд.

Тибқи муқаррароти моддаҳои 183-187 Кодекси андоз маблағи ба буҷет пардохтшаванда аз фарқияти байни моли харидашуда ва фурӯхташуда ҳисоб ва пардохт мешавад, аз ин лиҳоз андозсупорандагон метавонанд бо гирифтани ҳисобнома-фактураҳои ААИ аз ширкатҳои “якрӯза” маблағи андоз аз арзиши иловашударо барои пардохт кам намоянд.

Кам намудани шумораи ширкатҳои “якрӯза” яке аз самтҳои афзалиятноки мақомоти андоз мебошад, бо ин мақсад дар бақайдгирии давлатии субъектҳо як қатор маҳдудиятҳо вобаста ба корхонаҳое, ки ба ширкатҳои якрӯза алоқаманди доранд, амалӣ гардид.

Тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андоз агар дар ширкат аломатҳои ширкатҳои “якрӯза” ё бемасъулиятӣ пайдо шавад, муассисон, роҳбарон ва иштирокчиёни чунин ширкатҳо наметавонанд ширкати нав кушоянд. Илова бар ин, агар назоратҳои андозӣ муайян намоянд, ки дар феҳристи андозсупоранда аломатҳои номутобиқатии нишондодҳо, ба монанди нодурустии суроғаи фаъолият, маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ, мудири он ё муассис, маблағи оинномавӣ ва дигар нишондодҳо мутобиқат намекунад, пас мақомоти андоз метавонад чунин андозсупорандаро ба рӯйхати “Андозсупорандагони бемасъулият” дохил карда, дар фаъолияти он маҳдудиятҳо ҷорӣ намояд.

Мақомоти андоз барои дастгирии соҳибкорон, пешгирии ҳолатҳои пинҳонкунӣ ва маҳдуд кардани ширакатҳои қалбакӣ тамоми чораҳои заруриро андешида истодааст. Аз ҷумла, мақомот дар сомонаи худ (www.andoz.tj) рӯйхати корхона ва андозсупорандагонеро, ки бефаъолиятанд ё дар иҷрои уҳдадориҳои худ бемасъулиятӣ зоҳир кардаанд, ҷойгир намудааст.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

## ЭЪЛОН

### Муҳтарам шаҳрвандон!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки аз 1 июни соли 2019 ҳар як шахси воқеӣ метавонад аз модули электронии хизматрасонии «Утоқи шахсии андозсупоранда» истифода намояд. Истифодаи модули мазкур ройгон буда, барои дастрасӣ ба он ба мақомоти андоз танҳо нусхаи шиноснома пешниҳод карда мешавад.

Истифода аз «Утоқи шахсии андозсупоранда» имконият медиҳад, ки бе ҳозир шудан ба мақомоти андоз, ҳисобварақаи худро оид ба ҳисоб ва пардохти андозҳо аз объектҳои ғайриманқул, замин, воситаҳои нақлиёт ва андоз аз даромади иҷора, инчунин, бақияи қарзи андоз дар шакли онлайн маълумот дастрас намоед.

**Оид ба масъалаи истифодаи «Утоқи шахсии андозсупоранда» метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз www.andoz.tj ва Маркази тамос ба воситаи рақами телефонии 151 ва ё мақомоти ҳудудии андоз маълумоти иловагӣ дастрас намоед.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

### В бюджете Греции обнаружена «дыра» почти в пять миллиардов евро

**Еврокомиссия обнаружила в бюджете Греции нехватку 4,75 миллиарда евро за период с 2019 по 2020 год, передает телеканал Antenna.**

По данным СМИ, ЕК 4 июня обнародует спецдоклад о ситуации в экономике Греции и о том, как на нее влияют льготы для граждан, введенные правительством страны.

Согласно докладу, в этом году бюджетный разрыв составит 1% ВВП или 1,85 миллиарда евро, а в следующем - 1,5% ВВП или 2,9 миллиарда евро.

По данным телеканала, в отчете будут прописаны предупреждения о том, что задержки в реализации необходимых реформ недопустимы. Выполнение этих реформ связано с возвратом доходов от греческих облигаций.

Кроме того, в документе ЕК будут упомянуты набор персонала в государственные органы, неработающие банковские кредиты и программа приватизации.

Отметим, что впервые за 10 лет греческое правительство с 1 февраля повысило минимальную заработную плату на 11% (с 586 евро до 650 евро).

Кроме того, перед евровыборами Греция объявила о снижении НДС с 24% до 13% на предприятиях общественного питания, продукты и электроэнергию. Также было решено восстановить 13-ю пенсию и отменить «налог солидарности».

**http://www.aif.ru**

**Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти маъмурикунонии андоз аз воситаҳои нақлиётро дар мақомоти ҳудудии андоз бо истифода аз махзани маълумоти Кумитаи андоз ва Раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ дастрасгардида мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст.**

# Таъхир

## Чаро баъзе ронандаҳо мошинҳои худро сари вақт аз муоинаи техникӣ намегузаронанд?



Мутобиқи маълумоти дастрасгардида аз Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (РБДА ВКД ҶТ) ба ҳолати 1 январи 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ 466173 адад воситаи нақлиёт (аз ҷумла 440329 адад нақлиёти ба шахсони воқеӣ ва 25844 адад ба шахсони ҳуқуқӣ тааллуқдошта) мавҷуд буда, аз ин 428257 адад ё 91,9 фоизи онҳо дар соли 2018 аз муоинаи ҳатмии техникӣ гузаштаанд. Аз шумораи умумии воситаҳои нақлиёти ба муоина ҷалбшуда 416059 адади он дар ҳолати дурусти техникӣ қарор дошта, аз ҳисоби шумораи воситаҳои нақлиёти ба муоина ҷалбшуда дар давраи соли 2018 ба маблағи 182294,7 ҳазор сомонӣ андоз аз воситаҳои нақлиёт ворид гардидааст, ки ба ҳисоби миёна маблағи андоз ба як воситаи нақлиёт дар ҷумҳурӣ ба 425,6 сомонӣ рост меояд.

Тибқи иттилои манбаъ, аз рӯи таҳлилҳои гузаронидашуда дар соли 2018 шумораи воситаҳои нақлиёт нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар миқёси ҷумҳурӣ 6542 адад зиёд гардидааст, ки аз ин 3357 адад ба вилояти Суғд, 1076 вилояти Хатлон, 503 адад Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 188 адад шаҳри Душанбе ва 1419 адад ба шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ рост меояд.

Гарчанде шумораи ҷалбшавии воситаҳои нақлиёт ба муоинаи ҳатмии техникӣ дар давраи соли 2018 нисбат ба соли 2017 нисбатан беҳтар гардидааст, аммо воситаҳои нақлиёте, ки аз муоинаи ҳатмии техникӣ нагузаштаанд, ҳоло ҳам вуҷуд доранд. Агар дар соли 2017 дар ҷумҳурӣ 420937 адад ё 91,6 фоизи шумораи воситаҳои нақлиёт аз муоинаи ҳатмии техникӣ гузашта бошанд, ин нишондод дар соли 2018 ба 466173 адад ё 91,9 фоиз баробар гардидааст. Яъне шумораи воситаҳои нақлиёти аз муоинаи техникӣ нагузашта, мутаносибан дар соли 2017-ум 38694 адад ё 8,4 фоиз ва дар соли 2018-ум 37916 адад ё 8,1 фоизро ташкил медиҳад. Нишондоди мазкур, албатта, нигаронкунанда мебошад. Дар натиҷа, дар соли 2018 аз ҳисоби ҳамин миқдор воситаҳои нақлиёт андоз аз воситаҳои нақлиёт ба буҷет ҳисоб ва пардохт нагардидааст.

Шумораи воситаҳои нақлиёте, ки дар соли 2018 аз муоинаи ҳатмии техникӣ нагузаштанд, дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба 16217 адад, вилояти Хатлон 3191 адад, ВМКБ 5321 адад, шаҳри Душанбе 4066 адад, Турсунзода 179 адад, Шаҳринав 716 адад, Ҳисор 648 адад, Варзоб 337 адад, Рӯдакӣ 58 адад, Ваҳдат 3101 адад, Файзобод 1831 адад, Роғун 277 адад ва ноҳияҳои минтақаи Рашт, дар маҷмӯъ, ба 1874 адад расидааст.

Санҷишҳои амалиётӣ аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз дар ҳамкорӣ бо шуъбаҳои РБДА дар маҳалҳо дар давоми семоҳаи аввали соли 2019 – ум 521 ҳолати бе пардохти андоз аз воситаҳои нақлиёт идора намудани воситаҳои нақлиётро муайян ва ошкор кард, ки дар натиҷа, соҳибони воситаҳои нақлиёт ба андозбандӣ ҷалб гардиданд ва аз ин ҳисоб ба буҷет ба маблағи 255,3 ҳазор сомонӣ андози воситаҳои нақлиёт ҳисоб ва баъд аз пардохти маблағи андози мазкур ба муоинаи техникӣ ҷалб шуданд.

Новобаста аз корҳои назоратии гузаронидашуда, ҳоло ҳам аз ҷониби шуъбаҳои дахлдори БДА дар шаҳру ноҳияҳо ҳолатҳои кам ситонидани маблағи андоз аз воситаҳои нақлиёт, вобаста ба иқтидори муҳаррик, дарҷ накардани тамға ва номгӯи пурраи воситаҳои нақлиёт, ба назар мерасад. Масалан, чуноне ки аз таҳлилҳои Кумитаи андоз бармеояд, дар 1896 ҳолат (аз ҷумла дар ноҳияҳои Шоҳмансур 143 ҳолат, Исмоили Сомонӣ 121 ҳолат, Фирдавсӣ 217 ҳолат, Сино 175 ҳолат ва шаҳри Турсунзода 135 ҳолат) аз ҷониби кормандони шуъбаҳои БДА дар маҳалҳо маблағи андоз аз воситаҳои нақлиёт нисбат ба иқтидори муҳаррики воситаи нақлиёт кам ситонида шудааст, ки ба ҳисоби миёна маблағи кам пардохтшуда аз ин ҳисоб ба 694,1 ҳазор сомонӣ баробар мебошад. Чунин ҳолат дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ ба назар мерасад.

Мақомоти ҳудудии андоз дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.04.2017, №192 “Дар бораи баҳисобгирии (инвентаризатсияи) объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ”, Фармоиши муштарак ва Созишнома оид ба табодули маълумот байни РБДА ВКД ва Кумитаи андоз бо мақсади пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар ҳамкорӣ бо шуъбаҳои РБДА дар шаҳру ноҳияҳо рӯйхати шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиеро, ки ба муоинаи техникии ҳарсола ҷалб нагардидаанд ё бо сабабҳои носозиҳои техникӣ ба ташхисгоҳҳои техникии воситаҳои нақлиёт муроҷиат накардаанд, дастрас намуда, дар ин самт чораҳои иловагӣ андешида истодаанд.

Гарчанде шумораи воситаҳои нақлиёт аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ тибқи маълумоти РБДА дар соли 2018 нисбат ба соли 2017, дар маҷмӯъ, афзоиш ёфтааст, аммо аз рӯи таҳлилҳои гузаронидашуда аз ҳисоби шахсони ҳуқуқие, ки ба мақомоти андоз эъломияи андоз аз воситаҳои навқлиёти худро барои соли 2018 пешниҳод намудаанд, дар миқёси ҷумҳурӣ шумораи воситаҳои нақлиёт 496 адад ва маблағҳои ҳисобшуда аз андози мазкур, дар маҷмӯъ, ба андозаи 711,1 ҳазор сомонӣ кам гардидааст.

Чуноне, таҳлилҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, аз шумораи умумии воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқии дар қайди РБДА-буда (24677 адад) дар соли 2018 дар ин давра ба мақомоти андоз аз ҷониби 23054 адад ё 93,4 фоизи субъектҳои соҳибкорӣ ба мақомоти андоз эъломияҳои андоз аз воситаҳои нақлиёт пешниҳод шудааст. Рафти пешниҳоди эъломияҳои андоз аз воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ дар ин давра (бо дарназардошти шуъбаҳои НАМ ва НАК) дар вилояти Суғд 83,7 фоиз, вилояти Хатлон 93,2 фоиз, ВМКБ 26,6 фоиз, шаҳри Душанбе 70,1 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, дар маҷмӯъ 63,5 фоизро ташкил медиҳад.



**Қобили зикр аст, ки ҳаҷми бақияпулиҳои андоз аз воситаҳои нақлиёт ба ҳолати 1 майи соли 2019 дар ҷумҳурӣ 3400,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки аз он ба ВМКБ 32,9 ҳазор сомонӣ, вилояти Хатлон 1335,8 ҳазор сомонӣ, вилояти Суғд 928,1 ҳазор сомонӣ, шаҳри Душанбе 154,3 ҳазор сомонӣ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 603,6 ҳазор сомонӣ рост меояд.**

Бояд зикр кард, ки ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар мақомоти ҳудудии андоз аз тарафи 79 ширкати ба хизматрасонии нақлиётӣ машғулбуда тариқи утоқҳои шахсии худ ба махзани маълумоти Кумитаи андоз маълумот ворид гардидааст, ки шумораи умумии субъектҳои дар қайди ҷамъиятҳои мазкур фаъолияткунанда 6984 ададро ташкил медиҳад. Коркарди маълумоти воридшуда нишон медиҳад, ки аз тарафи на ҳамаи ронандагони воситаҳои нақлиёте, ки дар ҷамъиятҳои мазкур ба фаъолият машғул мебошанд, пардохти саривақтии маблағҳои патент таъмин мегардад. Дар мавридҳои дигар баъд аз қатъ намудани фаъолият бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидани ронандагон ҳам ҷой дорад, ки хеле ташвишовар мебошад.

Мувофиқи маълумоти дастрасшуда аз РБДА шумораи воситаҳои нақлиёти боркаши шахсони воқеие, ки дар соли 2018 ба муоинаи техникӣ ҷалб шудаанд, дар ҷумҳурӣ 25175 адад мебошанд, ки аз ин 21798 адад воситаҳои нақлиёти иқтидори борбардориаш то 10 тонна 21798 адад, аз 10 то 20 тонна 2386 адад, аз 20 то 40 тонна 946 адад ва зиёда аз 40 тонна 45 ададро ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки воситаҳои нақлиёти боркаши мазкур, аслан, дар фаъолияти соҳибкорӣ - хизматрасонии боркаши нақлиётӣ анҷом дода, мутобиқ ба замимаи 2 бандҳои 21, 22, 23, 24 ва 25–и Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи патент амалишаванда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 тасдиқ шудааст, ҳамчун соҳибкор аз қайди мақомоти андоз гузашта бо патент таъмин шаванд. Тибқи маълумоти дастрасшуда шумораи соҳибкорони аз рӯи гурӯҳҳои мазкур ба хизматрасонии нақлиётии боркаш бақайдгирифташуда дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 17336 адад ё 31,1 фоизи шумораи воситаҳои нақлиёти дар қайди РБДА будаpo ташкил менамояд.

Вобаста ба ин, аз ҷониби Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати бақайдгирӣ ва ба андозбандӣ ҷалб намудани шумораи воситаҳои нақлиёти боркаш ба шуъбаҳои РБДА дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дархост ирсол гардида, маълумоти дастрасшуда мавриди коркард қарор гирифтааст.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Ислоҳот дар низоми андоз ва андозбандӣ

**26 июни соли 2019 дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфили навбатии журналистикаи иқтисодии "Тавозун" дар мавзӯи "Ислоҳот дар низоми андоз ва андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон" баргузор гардид.**

Мақсади маҳфил ҷалб намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ба муҳокимаи фаъоли масоили андозбандӣ дар Тоҷикистон ва таъмини шаффофияти ҷараёни он дар партави паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Дар маҳфил оид ба ислоҳот дар самти андоз, роҳҳои беҳтар гардонидани низоми андоз ва сохтори таркибии он, унсурҳои асосии андозбандӣ, банақшагирӣ, тартиби ҳисоб ва дурнамои даромадҳои андозии Буҷети давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Нахуст коршиноси масъалаҳои молияи давлатӣ Абдураҳмон Наҷмиддинзода оид ба мавзӯи "Ислоҳоти андоз ва аҳамияти онҳо дар рушди иқтисодиёти миллӣ" маълумот дод.

Сипас, сардори шуъбаи рушди маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собир Вазиров дар бораи "Ислоҳоти низоми андоз дар давраи иқтисоди рақамӣ" сухан ронда, гуфт, ки мақсади рушди маъмурикунонии андоз, пеш аз ҳама, кам кардани хароҷоти маъмурӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, кам кардани алоқа байни андозсупоранда ва корманди мақомоти андоз ва хизматрасонии сифатнок ба андозсупорандагон мебошад.

Ӯ қайд намуд, ки аз 1-уми январи соли 2018 пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатӣ тариқи электронӣ ба роҳ монда шуд. Инчунин, дар ин сол тариқи реҷаи мустақим (онлайн) ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ додани рақами мушаххаси суғуртавӣ ва рамзи оморӣ ба роҳ монда шудааст, ки амали мазкур дар муҳлати як рӯзи корӣ анҷом дода мешавад. Мавсуф илова намуд, ки тибқи тағйирот дар қонунгузории андоз, бекор намудани пардохти боҷи давлатӣ барои анҷом додани амали бақайдгирии давлатии таъсисёбии (бархамдиҳӣ, қатъи фаъолият) ташкилотҳои тиҷоратӣ, ғайритиҷоратӣ, шахсони воқеии тибқи патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда, додани нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатӣ, инчунин, ройгон пешниҳод намудани иқтибос ва маълумотнома дар бораи мавҷуд набудани маълумот дар бораи ҳар як субъект аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ иборат мебошад.



Дар мавриди хизматрасониҳои сомонаи Кумитаи андоз – www.andoz.tj маълумот дода, С. Вазиров қайд намуд, ки танҳо дар як моҳ 350 ҳазор нафар аз ин сомона дидан карда, 80 ҳазор нафар аз утоқи шахсии андозсупоранда истифода намудаанд, ки аз ин 37 ҳазор нафарро соҳибкори инфиродӣ ташкил медиҳанд. Андозсупорандагон метавонанд, минбаъд тавассути сомонаи Кумитаи андоз бо истифода аз барномаи "Ҳисобкунаки андоз" маблағи андози худро ҳисоб кунанд ва бо истифода аз кортҳои бонкӣ онро пардохт намоянд. То имрӯз аз 235 нуқтаи хизматрасонии БДА "Амонатбонк" қабули маблағҳо аз шаҳрвандон ва андозсупорандагон тавассути барномаи махсуси компютерии Системаи иттилоотии андоз "Қабули пардохтҳо аз оператори Амонатбонк" ба роҳ монда шудааст.

Қайд гардид, ки Кумитаи андоз аз нимаи дуюми моҳи декабри соли 2017 сар карда, ба марҳалаи нави қабули муроҷиати шаҳрвандон ба воситаи Маркази тамос шурӯъ намудааст. Дар 27 нозироти андози шаҳру ноҳия утоқҳои алоҳида (терминалҳо) кушода шуда, бо дастгоҳҳои компютерӣ ҷиҳозонида шудаанд.

Собир Вазиров ҳамчунин, қайд кард, ки бо мақсади маҳдуд ва пешгирӣ намудани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва ба танзим даровардани санҷишҳои андозӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.02.2018, №1511 ба Кодекси андоз як қатор тағйиру иловаҳо ворид гардид. Аз ҷумла, санҷишҳои нақшавии ҳуҷҷатии андозсупорандагоне, ки даромади умумии онҳо дар давраи соли тақвимии гузашта бештар аз 25,0 миллион сомонӣ мебошад (то соли 2017 -15,0 млн. сомонӣ), на зиёда аз як маротиба дар як сол ва нисбати онҳое, ки камтар аз ин меъёр аст, на зиёда аз як маротиба дар ду сол гузаронида мешаванд. Санҷиши нақшавии ҳуҷҷатии аввалини фаъолияти субъекти соҳибкории хурд, ки супорандаи андози низоми содакардашуда мебошад, танҳо пас аз сипарӣ шудани 36 моҳи пурраи тақвимӣ (қаблан 24 моҳ) аз рӯзи бақайдгирии давлатии он амалӣ мегардад, минбаъд ҳангоми қатъкунии фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ санҷишҳои маҷмӯӣ ё мавзӯӣ гузаронида намешавад (қаблан чунин санҷишҳо гузаронида мешуд), гузаронидани назорати камералӣ барои давраҳои санҷишҳои маҷмӯию мавзӯии гузаронидашуда, такроран гузаронидани назорати камералӣ, инчунин, зиёда аз як маротиба дар шаш моҳи тақвимӣ гузаронидани назорати камералӣ манъ шуд (қаблан чунин маҳдудият пешбинӣ нагардида буд). Бо мақсади боз ҳам фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ ва кам намудани санҷишҳои андозӣ, дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.01.2019, №1181 ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ (аз ҷумла санҷишҳои андозӣ) дар соҳаҳои истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2021 мораторий эълон шудааст.

Дар идомаи ҷаласа дар бораи имтиёзҳои андозӣ сухан рафт. Зикр шуд, ки дар Тоҷикистон ҳавасмандгардониҳои фискалӣ ва ғайрифискалӣ амал мекунад, ки 85 фоизи онро ҳавасмандгардониҳои фисаклӣ ташкил медиҳанд. Инчунин, дар самти низоми андоз пайваста ислоҳот гузаронида мешавад. Аз ҷумла, тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо баён гардид, ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои миллӣ, консепсияи иқтисодиёти рақамӣ ва дар ин замина ҷалби бештари сармояи ватанию хориҷӣ лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав таҳия карда мешаванд.

Бо мақсади боз ҳам фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ тибқи лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Вазорати молия таҳия шудааст, дар баробари тартиби амалкунанда, яъне аз даромади умумӣ бе тарҳи хароҷот ҳисоб ва пардохт намудани андози низоми содакардашуда, андозсупорандагон метавонанд андози низоми содакардашударо бо тартиби нав, яъне аз фарқияти даромади умумӣ ва хароҷот (аз фоида) ҳисоб ва пардохт намоянд.

Дар охир, миёни иштирокдорони ҷаласа мубодилаи афкор сурат гирифт.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Тақвияти корҳои назоратӣ

Мақомоти андоз бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагон дар марказҳои савдо ва бозорҳои кишвар пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ мегузаронанд. Яке аз чунин корҳои назоратӣ гузаронидани хариди назоратӣ маҳсуб меёбад, ки мақсад аз он боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва таъмини воридоти сариваќтии маблағи андози дар рафти санҷиш ошкоршуда, ҳамчунин насбу истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ мебошад.

Вобаста ба ин, кормандони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе дар давраи ҳисоботии 5 панҷ моҳи аввали соли 2019 бо мақсади назорати қонунгузории андоз дар фаъолияти 119 андозсупоранда санҷиш гузарониданд. Дар натиҷа 8,7 млн. сомонӣ кам ҳисоб шудани маблағ ва пинҳонкунии андозҳо ошкор гардид. Аз ин ҳисоб ба буҷет 7,3 млн. сомонӣ руёнида шуд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар ин давра аз ҷониби кормандони мақомоти андоз дар шаҳри Душанбе дар фаъолияти 286 адад андозсупоранда - шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ хариди назоратӣ гузаронида шуд. Барои риоя накардани талаботи қонунгузории андоз нисбати ин андозсупорандагон ба маблағи 1294,3 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқувайронкунии маъмурӣ тартиб ёфта, аз ин маблағ 820,4 ҳазор сомонӣ ба буҷет пардохт гардидааст.

Ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ 177 шахси воқеие, ки бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидаанд, муайян гардид. Дар ин давра 966 субъект бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин шуда, нисбати 360 андозсупоранда ба маблағи 880,2 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуданд. Дар натиҷаи санҷишҳои амалиётӣ ба маблағи 1,1 млн. сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб ва маблағи он пурра ба буҷет рӯёнида шуд. Инчунин, 39 нафар андозсупоранда бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин гардиданд.

Дар натиҷаи анҷом додани назорати камералӣ нисбати 933 андозсупоранда кам ҳисоб шудани андозҳо ба маблағи 50,2 млн. сомонӣ ошкор гардида, бо пешниҳоди эъломияи андозҳо ин маблағ иловагӣ ҳисоб шуда, аз он 5,4 млн. сомонӣ аз ҳисоби изофапардохтҳо рӯйпӯш гардид ва 28,7 млн. сомонӣ ба буҷетҳои дахлдор ворид шудааст.

**Ширимоҳи МУҲАММАДӢ**

# Қарзи андоз кам мешавад

**Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ тавонистанд, ки дар моҳи майи соли ҷорӣ нақшаро ба андозаи 100,3 фоиз таъмин намоянд. Дар ин давра ба ҷойи 1 млн. 991 ҳазору 768 сомонӣ ба буҷети давлатӣ 1 млн. 997 ҳазору 811 сомонӣ ворид карданд. Бақияпулиҳои қарзи андоз дар ноҳия 9 млн. 46 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.**



- Бо мақсади кам кардани бақияпулиҳои қарзи андоз, мегӯяд мудири бахши баҳисобгирии даромадҳои нозироти андози ноҳия Бурҳон Раҷабов - бо андозсупорандагон пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ва семинар-машварат гузаронида мешавад. Натиҷаи корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳотӣ аст, ки дар ин давра 917 ҳазор сомонӣ бақияпулиҳои қарзи андоз кам карда шуд. Феълан дар ҳудуди ноҳияи Ҳамадонӣ 3820 хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, 588 шахси ҳуқуқӣ, 796 соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда ва 268 соҳибкори тибқи шаҳодатнома амалкунанда фаъолият мекунанд, ки саҳми онҳо дар ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ назаррас мебошад.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**


## ЭЪЛОН

**АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!**

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон, инчунин кам намудани муносибати корманди мақомоти андоз бо андозсупорандагон, аз 01.06.2019 дар Кумитаи андоз боз як шакли хизматрасонӣ, аз ҷумла тавассути модули «Утоқи шахсии андозсупоранда» тартиб додани санади муқоисавӣ дар шакли электронӣ таҳия ва мавриди истифода қарор дода шуд.

Бинобар ин, андозсупорандагон метавонанд, минбаъд аз хизматрасонии мазкур истифода намуда, санади муқоисавиро дар шакли электронӣ тартиб диҳанд.

Дар ҳолати пайдо гардидани мушкилӣ ва гирифтани маълумоти муфассал ба Маркази тамоси Кумитаи андоз бо телефони 151 муроҷиат намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**





# Шаҳрвандоне, ки аз андози молу мулки ғайриманқул қарздоранд



**Фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ, таъмини маоши кормандони соҳаҳои буҷетӣ ва ҳифзи иҷтимоии кишвар ба ҷамъоварии андозҳо робитаи мустақим дорад. Баланд бардоштани сатҳ ва сифати ҷамъоварию вориди буҷет сохтани андозҳо масъалаест, ки пешорӯи кормандони мақмоти ҳудудии андоз қарор гирифтааст.**

Чуноне ба назар мерасад, масъалаи сари вақт пардохт нагардидани андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон ва шаҳрвандон, ба вуҷуд омадани бақияпулиҳои андоз, инчунин, давра ба давра афзоиш ёфтани он боиси нигаронии мақомоти андоз гардидааст.

Дар ҳақиқат, нафарони зиёде ҳастанд, ки бо вуҷуди хуб будани вазъи моддию молиявиашон, андозҳои муқаррарнамударо сари вақт ба буҷети мамлакат пардохт намекунанд. Аз ин хотир, мақомоти ҳудудии андоз мутобиқи талаботи моддаи 45 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суроғаи чунин нафарон огоҳинома ирсол карда, онҳоро уҳдадор менамоянд, ки дар муҳлати 10 рӯз аз санаи қабули огоҳинома маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқули худро ба буҷет пардохт кунанд. Дар сурати дар муҳлати муқарраргардида иҷро накардани талаботи огоҳиномаи ирсолшуда нисбати онҳо чораҳои таъсиррасонӣ ва ибтидоии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо андешида мешавад.

Дар ҷадвали зерин рӯйхати нафаронеро, ки бақияпулиҳои андозашон аз ҳисоби андозҳои молу мулки ғайриманқул рӯз аз рӯз дар ҳоли афзоиш аст, пешниҳод мекунем. Ҳар шахсро мебояд дар пешрафти иқтисодиёт ва ободии Ватан саҳмгузор бошад ва маблағҳои муқарраршудаи андозро сари вақт ба хазинаи давлат ворид намояд.

**СОҲИБМУЛКОНИ ШАҲРИ КОНИБОДОМ**

| Р/т | Ном ва насаби соҳибмулк | Суроғаи ҷойгиршавии объекти молу мулки ғайриманқул | Маблағи қарзи андоз (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Бурҳон Орифов | кӯчаи Наврӯз б/р | 374 |
| 2 | Майрам Бобоҷонова | кӯчаи Ортиқов 56 | 963 |
| 3 | Моҳира Дадобоева | кӯчаи Х. Ҳомидов 47 | 534 |
| 4 | Абдуҷаббор Ғафуров | кӯчаи Ваҳдат 130 | 1016 |
| 5 | Зуҳро Бобоҷонова | кӯчаи Гагарин 19 | 445 |
| 6 | Шарифҷон Юлдошева | кӯчаи Рӯдакӣ | 902 |
| 7 | Шарофиддин Камолов | кӯчаи Коммунист | 1544 |
| 8 | Моҳиҷон Шарофова | кӯчаи Қазоқон 59 | 1052 |
| 9 | Мавлюда Нарзуллоева | кӯчаи Манонов 15 | 819 |
| 10 | Бахтиёр Содиқов | кӯчаи Мансуров 135 | 1274 |
| 11 | Тухтасун Маҳмудов | кӯчаи Ҳусейнзода 39 | 529 |
| 12 | Ашӯрбой Абдуллоев | кӯчаи Олимов 15 | 1043 |
| 13 | Шарофиддин Камолов | кӯчаи Коммунист 67 | 1369 |
| 14 | Умар Ҷӯраев | кӯчаи Қазоқон 97 | 1461 |
| 15 | Илҳомҷон Акбаров | кӯчаи Мансуров 151 | 989 |
| 16 | Шарофиддин Камолов | кӯчаи Коммунист 67 | 1042 |
| 17 | Толибҷон Ашӯров | кӯчаи Қарабоев 148 | 1140 |
| 18 | Бозорбой Каримов | кӯчаи Чапаев 18 | 708 |
| 19 | Қурбонҷон Шаропова | кӯчаи Ҳусензода 154 | 847 |
| 20 | Музаффарҷон Маҳмудов | кӯчаи Наврӯз б/р | 574 |
| 21 | Саида Шокирова | кӯчаи Х. Ҳомидов 51 | 957 |
| 22 | Қосим Бобоҷонов | кӯчаи Х. Содиқ 98 | 1141 |
| 23 | Зулфиҷон Мамадҷонова | кӯчаи У. Қурбонов 28 | 827 |
| 24 | Шароф Ахмедов | кӯчаи Навобод 102 | 722 |
| 25 | Илҳом Ҳайдаров | кӯчаи Ш. Боҳиров б/р | 754 |
| 26 | Махсуда Юсупова | кӯчаи Х. Алиев 93 | 1341 |
| 27 | Раъно Набиева | кӯчаи Фирдавсӣ 36 | 718 |
| 28 | Қумриҷон Қарабоева | кӯчаи Айнӣ 126 | 1381 |
| 29 | Аҳадҷон Алибоев | кӯчаи Фозилов б/р | 1802 |
| 30 | Зубарча Олимова | кӯчаи Ниёзмухаммедов 21 | 635 |

**СОҲИБМУЛКОНИ ШАҲРИ ИСТАРАВШАН**

| Р/т | Ном ва насаби соҳибмулк | Суроғаи ҷойгиршавии объекти молу мулки ғайриманқул | Маблағи қарзи андоз (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Ғайратҷон Маъмуров | кӯчаи Октябрский, бинои б/р | 11183 |
| 2 | Ихтиёр Раҳимов | кӯчаи Орджоникидзе, хонаи 13 | 553 |
| 3 | Тӯхта Аюбова | кӯчаи О.Эҳсон, хонаи 102 | 1001 |
| 4 | Хуршеджон Ҷалилов | кӯчаи Истаравшан, хонаи 13 | 2094 |
| 5 | Даврон Мӯсоев | кӯчаи Куйбишев, хонаи 22Б | 502 |
| 6 | Исмоил Ёқубов | кӯчаи М. Турсунзода, хонаи 66Б | 715 |
| 7 | Ҳамидулло Расулов | кӯчаи Шифокорон, хонаи 12 | 928 |
| 8 | Машҳура Раҷабова | деҳаи Яккатол | 256 |
| 9 | Турсунбек Фозилов | деҳаи Яккатол | 157 |
| 10 | Бахтиёр Қосимов | деҳаи Яккатол | 256 |
| 11 | Замон Усмонов | деҳаи Яккатол | 213 |
| 12 | Аҳмад Гадоев | деҳаи Яккатол | 200 |
| 13 | Амонҷон Қаюмов | кӯчаи Гулистон, хонаи 63 | 1086 |
| 14 | Одил Маруфов | кӯчаи Куришев, хонаи б/р | 1605 |
| 15 | Дилшод Наврӯзов | кӯчаи О. Почо, хонаи 22 | 772 |

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# ПУРСИШНОМА

## оид ба муайян намудани риояи тартиби гузаронидани назорати камералӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андоз

*Махфияти пурсишнома нигоҳ дошта мешавад*

Тибқи муқаррароти моддаи 37 Кодекси андоз назорати камералӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андози пешниҳоднамудаи андозсупоранда, маълумоти дар мақомоти андоз мавҷудбуда ва дигар ҳуҷҷатҳо, бе рафтан ба маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда, бо мақсади огоҳ намудани андозсупоранда аз эҳтимолияти қонунвайронкунии андоз, ҷиҳати мустақилона ислоҳ намудани камбудиҳо ва пешниҳод намудани эъломияи иловагии андоз ва расонидани ёрии амалӣ дар таъмини риояи қонунгузории андоз анҷом дода мешавад.

Пас аз гирифтани огоҳинома аз натиҷаи назорати камералӣ андозсупоранда ҳуқуқ дорад дар мӯҳлати 10 рӯзи корӣ ба мақомоти андоз тавзеҳот, ҳуҷҷатҳо ва (ё) эъломияи иловагии андозро пешниҳод намояд. Дар сурати пешниҳод нашудани тавзеҳот, ҳуҷҷатҳо ва (ё) эъломияҳои иловагӣ корманди мақомоти андоз уҳдадор аст санади назорати камералӣ тартиб дода, аз натиҷаи он қарори дахлдор қабул намояд.

Гузаронидани назорати камералӣ барои давраҳои санҷишҳои маҷмӯии мавзӯии гузаронидашуда, барои ҳамон як давра такроран гузаронидани назорати камералӣ, инчунин зиёда аз як маротиба дар шаш моҳи тақвимӣ гузаронидани назорати камералӣ ба истисноӣ назорати камералие, ки дар ҳолати зарурӣ тибқи супориши хаттии Раиси Кумитаи андоз таъин мегардад манъ аст.

Ному насаб ё рақами телефони иштирокчии пурсишнома ____________________
____________________________________________________________

*(Агар иштироккунандаи пурсиш хоҳиши махфӣ нигоҳ доштани ному насаби худро дошта бошад, пас ба ҷои ному насаб калимаи «Махфӣ» навишта мешавад)*

**Категорияи иштирокчӣ:**
шахси воқеӣ ____;
соҳибкори инфиродӣ ____;
намояндаи шахси ҳуқуқӣ ____.
Санаи гузаронидани пурсиш «____»____________ соли 2019

*Эзоҳ: ҷавобҳои дахлдор бо аломати «_√_» ва дар сутунчаи тавзеҳот ҳолатҳои алоҳидаи дар ҷавобҳои эҳтимолӣ қайднагардида мухтасар қайд мешаванд.*

| № | Саволҳо | Варианти ҷавоб | Қайди ҷавоб | Тавзеҳот |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Оё шумо аз муқаррароти Кодекси андоз, ки тибқи он назорати камералии андоз гузаронида мешавад, огоҳ ҳастед? | Огоҳ мебошам | | |
| | | Аз сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz. tj) огоҳ шуда будам | | |
| | | Дар семинар- машваратҳо шунида будам, вале маълумоти пурра надорам | | |
| | | Огоҳ нестам | | |
| 2 | Дар фаъолияти шумо дар 5 моҳи соли 2019 аз ҷониби мақомоти андоз чанд маротиба назорати камералӣ гузаронида шудааст? | Як маротиба | | |
| | | Ду маротиба | | |
| | | Се маротиба | | |
| | | Барои даврае, ки назорати камералӣ гузаронида шуда буд, такроран гузаронида шуд | | |
| | | Ягон маротиба гузаронида нашудааст | | |
| | | Дар шакли мактуб (огоҳинома) барои ислоҳи камбудиҳо дастур дода шудааст | | |
| 3 | Дар 5 моҳи соли 2019 аз натиҷаи назорати камералӣ ба шумо чанд маротиба огоҳинома ирсол карда шуд? | Як маротиба | | |
| | | Ду маротиба | | |
| | | Се маротиба | | |
| | | Барои даврае, ки назорати камералӣ гузаронида шуда буд, такроран огоҳинома ирсол карда шуд | | |
| | | Ягон маротиба ирсол карда нашудааст | | |
| | | Дар шакли мактуб (огоҳинома) барои ислоҳи камбудихо дастур ирсол карда шудааст | | |
| 4 | Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ чанд маротиба ба мақомоти андоз даъват шудаед? | Як маротиба | | |
| | | Ду маротиба | | |
| | | Се маротиба | | |
| | | Ягон маротиба даъват карда нашудааст | | |
| 5 | Оё натиҷаи назорати камералӣ ва пешниҳоди огоҳиномаро оид ба ислоҳи камбудиҳо асоснок арзёбӣ менамоед ва аз он қаноатманд ҳастед? | Асоснок буд, қаноатбахш ҳастам | | |
| | | Қисман асоснок буд, қаноатбахш ҳастам | | |
| | | Асос надошт, қаноатбахш нестам | | |
| | | Мавриди баҳс қарор дорад | | |
| | | Ҳолати тамаъҷӯӣ мушоҳида мешуд | | |
| 6 | Рафтори кормандони мақомоти андозро ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ чӣ тавр арзёбӣ менамоед? | Пурра қаноатбахш | | |
| | | Қаноатбахш | | |
| | | Ғайриқаноатбахш (аз ҷумла)<br>*- дағалона рафтор менамоянд*<br>*- таҳдид менамоянд*<br>*- ғайриқонунӣ амалӣ менамоянд*<br>*- ба амалҳои коррупсионӣ роҳ медиҳанд*<br>*- ба амалҳои коррупсионӣ роҳ медиҳанд* | | |
| **Таклифу пешниҳоди иштироккунандаи пурсишнома** | | | | |
| 7 | Барои самаранок ба роҳ мондани корҳои назорати мақомоти андоз ва беҳтар намудани сифати он, таклифу пешниҳоди худро баён намоед. | | | |
| Эзоҳ: Барои иштироки фаъолонаатон дар пурсишнома изҳори сипос менамоем. | | | | |

# ЭЪЛОН

## Муҳтарам андозсупорандагон!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки бо мақсади муайян намудани андешаи соҳибкорон оид ба риояи тартиби гузаронидани назорати камералӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андоз ва ҷиҳати беҳтар намудани сифати корҳои назоратӣ пурсиш гузаронад.

Шакли пурсишнома дар саҳифаи асосии сомонаи расмии Кумитаи андоз andoz.tj ҳамчун бахши алоҳида ҷойгир карда шудааст. Инчунин, пурсишнома дар шумораҳои рӯзномаи “Боҷу хироҷ”, ки рӯзҳои 4-ум, 11-ум ва 18-уми июли соли ҷорӣ чоп мешаванд, ҷойгир карда мешавад.

Шумо метавонед, андешаҳои худро нисбат ба саволҳои пурсишнома изҳор намуда, онро ба воситаи почтаи муқаррарӣ ба суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 42/2, ба почтаи электронии Кумитаи андоз info.andoz.tj, ё аксбардорӣ намуда, бо истифода аз барномаҳои “Вайбер”, “ИМО” ва “Ватсап” ба рақами телефони 987-25-33-33 ба Кумитаи андоз ирсол намоед.

Андешаҳои шумо барои мо ҷиҳати беҳтар намудани фаъолияти мақомоти андоз дар самти гузаронидани назорати камералӣ муҳим мебошад.

Барои дастрас намудани маълумоти иловагӣ метавонед тавассути рақами телефони содакардашудаи “151” ба Бахши иттилоотии Кумитаи андоз муроҷиат намоед.

Барои ҳамкориатон қаблан сипосгузорем.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Налоги стало возможно оплачивать с помощью QR-кода

**В России вводится новая форма налоговых уведомлений по имущественным налогам и НДФЛ, которая будет в том числе включать QR-код, позволяющий проводить оплату через банковские терминалы. Соответствующий приказ ФНС начинает применяться с 1 июня 2019 года.**

«Теперь налоговое уведомление формируется с включением информации, необходимой для перечисления налогов в бюджетную систему. К этой информации относятся полные реквизиты платежа, его уникальный идентификатор, используя который плательщику не придется вводить или переписывать все реквизиты. Также в уведомление будет включен штрих-код и QR-код для быстрой оплаты налогов через банковские терминалы и мобильные устройства с доступом к электронным платежам», - пояснили РИА Новости в Федеральной налоговой службе (ФНС).

В связи с этими изменениями теперь в уведомлениях, которые направляются налогоплательщику, не будет отдельных квитанций - так называемых платежек.

«Обновленная форма налогового уведомления будет направлена налогоплательщикам в течение кампании по рассылке налоговых уведомлений текущего года, размещаться в личном кабинете налогоплательщика на сайте ФНС России», - отметили в ФНС.

Такие изменения были внесены для оптимизации затраты на формирование налоговых документов и для удобной оплаты налогов физлицами, пояснили в службе.

Руководитель департамента Финансового университета при правительстве России Гульнара Ручкина пояснила РИА Новости, что оптимизация расходов заключается в том, что вместо двух или трех документов направляется один. «Если объектов много, уведомление с платежами образуют по весу почтовое отправление в виде «бандероль», а это с увеличением почтовых тарифов ведет к увеличению расходов», - добавила она.

**https://ria.ru**

# Зуҳуроти номатлуби замони муосир

**Ифротгарой ва терроризм зуҳуроти номатлуби замони муосир ба шумор рафта, мубориза бар зидди он қарзи ҳар як инсони комил мебошад. Аз сомонаи расмии Суди шаҳри Душанбе маълумотеро вобаста ба ҳукми суди шаҳри Душанбе нисбати Сайдалиев Орзу Исуфович, ки дар содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин даст доштааст, манзур мегардонем.**

Сайдалиев Орзу Исуфович, соли таваллудаш 12 августи соли 1996, зода ва сокини вилояти Хатлон, ноҳияи Фархор, моҳи апрели соли 2018, ҳангоми дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштанаш, бо истифодаи телефони мобилӣ тавассути шабака ва барномаҳои интернетии “Одноклассники”, “Вайбер”, “Имо”, “Вотсапп”, “Телеграмм”, “Конверсейшин” ва “Инстаграмм” бо узви иттиҳоди ҷиноятии экстремистию террористии ба ном “Давлати исломӣ” (ДИИШ) бо тахаллуси “Аш шишанӣ” ва баъдан бо узви дигари иттиҳоди ҷинояти бо тахаллуси “Зейд” шиносой пайдо карда, худашро дар ин саҳифа ва барномаҳои интернетӣ бо номҳои “Муҳоҷир”, “Абу Муҳоҷир” ба қайд гузошта, мунтазам бо онҳо муоширата намудааст. Сайдалиев О.И. охирҳои моҳи августи соли 2018 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргашта, бо тавсияи “Зейд” бо аъзои фаъоли ташкилоти экстремистӣ-террористии ДИИШ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон Назаров Тоҷиддин Маҳмадраҳимович, бо тахаллуси “Абу Усомаи Норакӣ” ва узви дигар бо тахаллуси “Абу Аббос” ба алоқа баромадааст.

Ӯ бо маслиҳати пешакӣ бо Назаров Тоҷиддин Маҳмадраҳимович, кирдорҳои ҷиноятии худро идома дода, бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ, супориш гирифтааст, ки раиси маҳаллаи деҳаи Навободи поёни Ҷамоати деҳоти Зафари ноҳияи Фархорро қатл намояд.

Ҳамзамон, супориши навбатии ӯро оид ба муайян намудани суроғаи зисти Муҳиддинов Диловар Абдулоевич, сокини ноҳияи Фархор, Ҷамоати деҳоти Ғайрат, деҳаи Фозилон ва оташ задани манзили истиқоматӣ ё автомашинааш қабул намудааст.

Ҳангоми бори навбатӣ мулоқот намудан Назаров Т.М. ба ӯ расми бинои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ирсол намуда, супориш додааст, ки ба бинои ВКД ҶТ ҳуҷуми мусаллаҳона карда, кормандони милитсияро ба қатл расонида, “ҷиҳод”-и ҷониро ба ҷо орад. Аз ин рӯҳбаланд гашта Сайдалиев О.И, ба иҷрои супориши Назаров Т.М. омода будани худро иброз намуда, таърихи 19-уми декабри соли 2018 ба шаҳри Душанбе омадааст. Тибқи маслиҳати пешакӣ бо Назаров Т.М. ӯ рӯзи 20 декабри соли 2018 телефони мобилӣ ва 200 доллари ИМА-ро ба даст оварда, хонаеро ба иҷора гирифтааст. Худи ҳамон рӯз, ҳангоми аз ҷои таъинкардаи Назаров Т.М., яъне соҳили дарёи «Душанбе» гирифтани телефони мобилӣ ва 200 доллари ИМА Сайдалиев О.И. аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дастгир гардид.

Бо ҳукми суди шаҳри Душанбе аз 1 апрели соли 2019 Сайдалиев Орзу Исуфович бо моддаҳои 187 қисми 2 ва 32 қисми 3 – 179 қисми 3 бандҳои “а, г” Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуд.

Ба Сайдалиев Орзу Исуфович бо моддаи 187 қисми 2 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 9 (нуҳ) сол, бо моддаи 32 қисми 3 – 179 қисми 3 бандҳои “а,г”, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 17 (ҳабдаҳ) сол, дар асоси моддаи 67 қисми 3 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо бо роҳи қисман зам кардани ҷазоҳо, ҷазои ниҳоӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 20 (бист) сол, бо адо намудани ҷазо дар колонияҳои ислоҳии дорои низомаш сахт таъин карда шудааст.

Имрӯз мо - аҳли ҷомеаро зарур аст, ки ба таълиму тарбия ва пурсамар гузаштани вақти бачагон, ҷалби онон ба маҳфилҳои ҳунаромӯзӣ ва варзиш ҷиддӣ назар кунем. Ҳар кадоми мо бояд ба тақдири Ватанамон бепарво набошем, бояд Ватанамонро дӯст дорем ва баҳри ободии он якҷоя амал намоем.

**Кароматулло ҲАЗРАТҚУЛОВ,**
**мутахассиси пешбари Раёсати таъмини ҳуқуқи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**



## ЭЪЛОН

### МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии "Амонатбонк" қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо истифода аз тартиби мазкур, метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозиротҳои андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

### БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҳо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯйхати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқарраргардида қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мегарданд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

### СОҲИБКОРОНИ МУҲТАРАМ!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 шахси воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, ухдадор аст фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ва ё шаҳодатнома ба қайди давлатӣ гирад.

Бақайдгирӣ дар нозироти андоз имконият медиҳад, ки давраи фаъолияти шумо ҳамчун собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта шуда, тибқи тартиби муқаррааргардида ҳифзи иҷтимоиатон таъмин шавад.

Хотиррасон менамоем, ки дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз аз 30 то 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 1650 сомонӣ то 2200 сомонӣ ҷарима пешбинӣ гардидааст.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶДММ «Дармон шифобахш» (РЯМ 0310018299) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ ҶДММ «Хушдилон» (РЯМ 0510000499) воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ ҶДММ «Дунёи афсона» (РЯМ 1810008485) воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Гиёҳ-Т» (РЯМ 1810004094) воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ ҶДММ «Сомон Ҳисор» (РЯМ 0910003408) воқеъ дар шаҳри Ҳисор, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ ҶДММ «Тоҷсозвар» (РЯМ 0310005365) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Арчабек» (РЯМ 0710005056) воқеъ дар шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Солиев Фаррух (РЯМ 0330017729) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Саидов Раҳимҷон (РЯМ 0331320165) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Азимов Алишер (РЯМ 0331386275) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Сайфулаева Майрам (РЯМ 0330071601) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Нозимов Илҳом (РЯМ 0331224713) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдуллоев Фаридун (РЯМ 0331189275) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мирзоалиев Ҳамрохон (РЯМ 0331293133) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Абдиллобоев Мамадзариф (РЯМ-5530130715) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шарипова Розияджон (РЯМ 5730029186) аз шаҳри Конибодом, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Орифҷон» (РЯМ-5730110027) аз шаҳри Конибодом, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдушукуров Абдувоҳид (РЯМ 5130028457) аз шаҳри Хуҷанд, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Тоҷиев Абдурашид (РЯМ 6330095081) аз шаҳри Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Эгамназаров Абдуқаҳор (РЯМ 5930025705) аз ноҳияи Спитамен, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мамадқулова Башорат (РЯМ 5930068430) аз ноҳияи Спитамен, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Миразоров Тоҳир (РЯМ 7630004507) аз ноҳияи Роштқалъа, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Ҳоҷи Абдусамад Ота» (РЯМ 5930003155) аз ноҳияи Спитамен, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Сафаров Муртазо (РЯМ 0530149162) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Нигматова Зарина (РЯМ 0530043470) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Корхонаи воҳиди экспедитсияи гидрогеологии ҷанубии шаҳри Ваҳдати Саридораи геологияи назди Ҳукумати ҶТ (РЯМ 0510000719) аз шаҳри Ваҳдат бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Гули сурх» (РЯМ 3030001627) аз ноҳияи Дӯстӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Сатторов Асомидин (РЯМ 3630013796) аз ноҳияи Ҷайҳун, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Ҷурабек 2015» (РЯМ 1630034120) аз ноҳияи Шаҳринав, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Мавлон» (РЯМ 1630008225) аз ноҳияи Шаҳринав, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Мавлон» (РЯМ 1630008225) аз ноҳияи Шаҳринав, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Азиз» (РЯМ 1630007354) аз ноҳияи Шаҳринав, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Раҳим» (РЯМ 1630007134) аз ноҳияи Шаҳринав, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Сафарбеков Раҷаб (РЯМ 7230005118) аз ноҳияи Рӯшон, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳрасти ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ мутааллиқ ба Муассисаи таҳсилоти ибтидоии № 56 (РЯМ 1710000591) аз ноҳияи Сангвор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳрасти ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ мутааллиқ ба Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёри (РЯМ 1710000023) аз ноҳияи Сангвор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Мамасалиева Хайринисо (РЯМ 3730070768) аз ноҳияи Панҷ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Сафаров Ислом (РЯМ 0830001073) аз ноҳияи Рашт, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Пурдил» (РЯМ 0930110299) аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба ҶДММ «Аброридин» (РЯМ 3510006170) аз ноҳияи А.Ҷомӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Толибов Раҷабалӣ (РЯМ 0630001057) аз шаҳри Роғун, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Авазов Хурсандбек (РЯМ 0630011021) аз шаҳри Роғун, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Ҷумъабобо» (РЯМ 2630003769) аз ноҳияи Темурмалик, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфирдӣ Кенҷабеков Шуҳратбек (РЯМ 6230004926) аз шаҳри Истаравшан бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Мирдодоев Махсуд (РЯМ 6230005366) аз шаҳри Истаравшан бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки мутобиқи муқаррароти моддаи 25 Кодекси андоз гирифтани рақами мушаххаси андозсупоранда ройгон сурат мегирад.

Дар ҳолати аз ҷониби кормандони мақомоти андоз ҳангоми додани рақами мушаххаси андозсупоранда зоҳир шудани рафтори номуносиб метавонед бо рақами содакардашудаи 151 ва ё телефони боварии Раиси Кумитаи андоз: 233-09-05 муроҷиат намоед

**Кумитаи андози назди Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН!

### Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон музоядаи №9-ро эълон менамояд

Ба таваҷҷӯҳи хоҳишмандон расонида мешавад, ки молу мулки таҳти ҳабс қароргирифтаи КТ «Меликмуродов» (РМА 160000081)-и ноҳияи Шаҳринав бо нархи ибтидоии 862 752 (ҳаштсаду шасту ду ҳазору ҳафтсаду панҷову ду) сомонӣ ба фурӯш гузошта мешавад.

Хоҳишмандон бо пардохти 5 фоиз пардохти кафолатӣ аз нархи ибтидоии молу мулк, дар музояда иштирок карда метавонанд.

Пардохти кафолатии ғолиби музояда ба нархи фурӯши молу мулк дохил карда мешавад.

Музояда санаи 17 июли соли 2019 соати 10:00 дар бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 42/2 баргузор мешавад.

Музояда бо усули англисӣ сурат мегирад.

**Номгӯи молу мулки таҳти ҳабс қарордошта:**

| № | Номгӯи молу мулк | Соли барориш | Маҳалли ҷойгиршавӣ | Нархи ибтидоии фурӯш дар асоси хулосаи КВД оид ба нархгузорӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Бинои идораи хоҷагӣ | 1975 | Ноҳияи Шаҳринав, ҷ/д А. Ҳасанов, деҳаи Ҳаёти Нав | 862 752 сомонӣ |
| | **Ҷамъ** | | | **862 752 сомонӣ** |

**Телефонҳо барои тамос: 2-33-09-30**

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Каримова Фароғат (РЯМ 6230049843) аз шаҳри Истаравшан бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфирдӣ Ҷураева Насиба (РЯМ 0730125147) аз шаҳри Турсунзода бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфирдӣ Эргашев Ҳасан (РЯМ 0730173290) аз шаҳри Турсунзода бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи ҶДММ "Фарухҷон" (РЯМ 0710009190) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Турсунов Фурқат (РЯМ 0730143581) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

# Оғози ислоҳоти андоз ва ташаккули заминаҳои низоми миллии андоз (солҳои 1992 – 1995)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Баъдан бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин идора номи Саридораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро гирифт (19 феврали соли 1992 № VII – 46). Дар се моҳи оғози фаъолияти он навъҳои асосии андозҳои ҷавобгӯи шароити иқтисоди бозаргонӣ ҷорӣ шуданд:

1) андоз барои арзиши изофа (Қонуни ҶТ аз 6. 01. 1992, № 498);
2) аксизҳо (Қонуни ҶТ аз 6. 01. 1992, № 500);
3) андоз аз даромади шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ ва ашхоси шаҳрванди кишвар набуда (Қонуни ҶТ аз 6. 01. 1992, № 502);
4) пардохти давлатии гумрукӣ (пошлина; Қонуни ҶТ аз 6. 01. 1992, № 496);
5) андоз аз соҳиби воситаҳои нақлиёт (Қонуни ҶТ аз 6. 01. 1992, №494);
6) андоз аз замин (Қонуни ҶТ аз 6. 03. 1992, № 547);

Дар ташаккулу барқароршавии низоми андоз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи марти соли 1992 «Дар бораи мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» (№ 590, 14. 03. 1992) нақши ҳалкунанда дошт. Дар ин қонун дастурҳо оид ба ҳуқуқҳои мақомоти андози ҷумҳурӣ таъин гардида буданд.

Яке аз андозҳое, ки ҷорӣ карданаш мушкилоти зиёд пеш овард, андоз аз арзиши изофа буд. Аз моҳи марти 1992 сар карда воридот ба буҷети ҷумҳурӣ тавассути ҳамин андоз сурат мегирифт. Ба сабаби бӯҳрони сиёсӣ, нооромгардидани вазъият дар ҷомеа (1992) ташаккули низоми андоз ба таъхир афтод (боздошта шуд). Кори ташаккули низоми андоз дар нимаи дуюми соли 1993 аз нав оғоз ёфт ва андозҳои нав ҷорӣ шуданд:

1. Андоз аз даромад барои фаъолияти суғуртавӣ (Қонуни ҶТ аз 27. 12. 1993, № 877).
2. Андоз аз амволи ашхоси воқеӣ (Қонуни ҶТ аз 27. 12. 1993, № 889).
3. Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард (Қонуни ҶТ аз 27. 12. 1993, № 895).
4. Андоз аз даромади корхонаҳо ва муассисаҳо (Қонуни ҶТ аз 21. 12. 1994, № 1001).
5. Андози махсус (Қарори Президиуми ШО ҶТ аз 18. 06. 1994, № 278).

Ташаккули низоми андозро, асосан, баъд аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни 1994 «Дар бораи асосҳои низоми андоз» (№ 977) анҷомёфта донистан мумкин аст.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

# Йогурти одӣ аз сактаи дил раҳо менамояд!



Мувофиқи хулосаҳои олимон дар давоми ҳафта ду маротиба истеъмол намудани йогурти хуштаъм эҳтимоли пайдо шудани сактаи дил (инфаркт)-ро се баробар кам менамудааст. Мутахассисон дар миёни 55 ҳазор зан ва 18 ҳазор мард пажӯҳиш гузаронида ба хулоса омаданд. Маълум шуд, ки дар як ҳафта истеъмол намудани ду ҳисса (порция) йогурт рағҳои хунро мустаҳкам, таассур (реакция)-и организмро ба муқобили бемориҳои дил тақвият мебахшад.

Олимон ба одамони гирифтори фишорбаландӣ ҳафтае якчанд ҳисса йогурт доданд. Дар натиҷа эҳтимоли дучори сактаи дил шудан дар занҳо 30 фоиз, дар мардҳо 19 фоиз кам шуд. Инчунин, дар занҳо дар рагҳои хунгузар гузаронидани ҷароҳиро ба шарофати истеъмоли ин маҳсулот 16 фоиз кам шудааст.

# Маоши баландтарини варзишгарони дунё



Нашрияи машҳури амрикоӣ - «Форбс» маълумотномаи гаронмуздтарин варзишгаронро ҷаҳонро ба табъ расонд. Зинаи аввалро ҳамлавари дастаи «Барселона» Леонел Месси ишғол намуд, ки даромади ӯ дар як сол 127 миллион доллари ИМА аст. Дар мавқеъҳои дуюм ва сеюм форварди «Ювентус» Криштиану Роналду $ 109 млн. ва ҳамлагари «ПСЖ» Неймар $ 105 млн. қарор гирифтанд.

**7-гонаи дигари раддабандии варзишгарон чунин аст:**

- Саул Алварес (Мексика, бокс) – $ 94 млн.;
- Роҷер Федерер (Швейцария, теннис) – $ 93,4 млн.;
- Рассел Уилсон (ИМА, футболи амрикоӣ) – $ 89,5 млн.;
- Аарон Роҷерс (ИМА, футболи амрикоӣ) – $ 89,3 млн.;
- Леброн Ҷеймс (ИМА, баскетбол) – $ 89 млн.;
- Стефен Карри (ИМА, баскетбол) – $ 79,8 млн.;
- Кевин Дюрант (ИМА, баскетбол) – $ 65,4 млн.

## Духтарчаи 5 - сола модарашро наҷот дод

Трейси Андерволд бо духтари панҷсолааш Элисон дар ҳавзи назди ҳавлиаш оббозӣ мекард. Нохост ӯ аз ҳуш рафта, ғарқ шуд.

Элисони хурдакак бе дудилагӣ ба об ҷаҳид ва модарашро аз қаъри об ба соҳили ҳавз баровард.

Модари Элисон мегӯяд: «Духтарам дар 2 - солагӣ оббозӣ карданро ёд гирифта буд». Аҷиб, Элисон дарк накарда буд, ки аҳволи модараш бад асту ғарқ мешавад. Ӯ фикр кард, ки модараш зери об монданро дӯст медорад. Вале муҳим он буд, ки вай модарашро наҷот дод.

# Суханони ҳакимона

Шахсе, ки долони хонаи хешро тоза намекунад, ҳаққи шикоят кардан аз боми барфолудаи ҳамсоярo надорад.

xxx

Касе, ки машвaратро тарк мекунад, роҳи ростиро гум мекунад.

xxx

Афзалтарин хӯрокро, ки мехӯрӣ, аз заҳмати дасти хеш аст.

xxx

Пирӣ мисли боло баромадан аст, чӣ қадаре, ки боло равӣ, ҳамон қадар нафастанг мешавӣ, аммо нигоҳат васеъ мешавад.

xxx

Дурустӣ ва дурӯғгӯӣ доимо бо ҳам дар ҷанганд, ин ҷанг он вақт поён меёбад, ки яке аз инҳо майдонро тарк кунад.

xxx

Калиди ҳама чиз сабр аст.

xxx

Ҷӯҷаро бо шикастани тухм наметавон ба даст овард.

# Панди рӯзгор

Фақире аз ҳаким пурсид:

- Барои чӣ ман камбағалам?

Ҳаким посух дод:

- Чунки ту саховату олиҳимматӣ надорӣ.

Камбағал дарҳол аз дил гузаронд, ки барои саховатманд будан одам бояд хеле сарватманд бошад ва гуфт:

- Чӣ гуна метавонам олиҳиммат бошам, ки ягон чизи ба дигарон бахшиданӣ надорам?

- Ту панҷ сарвате дорӣ, ки бо ёрии онҳо метавонӣ эҳсонкор бошӣ, аммо аз онҳо истифода намекунӣ. Тавассути чеҳраи худ метавонӣ ба дигарон табассум ато намоӣ, бо чашмони худ ба одамон назари саршор аз меҳру муҳаббат афканӣ, бо лафзи худ сухани нарму латиф ва меҳрбор бигӯӣ, бо худ хушбахтӣ орзу намоӣ ва бо тану равони худ дар ҳаққи дигарон амали хайр анҷом бидиҳӣ.

# Оё медонед?

Аз рӯи манфиат индустрияи зебоӣ дар ҷаҳони тиҷорат яке аз ҷойҳои аввалро ишғол менамояд. Аз ҷумла, тоҷирон ҳамасола аз воситаҳои нигоҳубини пӯст – 24 миллиард, макияж – 18 миллиард, воситаҳои ороиши мӯй – 38 миллиард ва парфюмерия – 15 миллиард доллар ба даст меоранд. Он тадриҷан, ташаккул ёфта, ба системаи муназзам табдил ёфтааст.

Эжен Шуллер соли 1907 ширкати «French Harmiess Hair Dye Company»- ро таъсис дод, ки барои мӯй ранг тайёр мекард. Минбаъд ин ширкат бо номи «L'Oreal» машҳур гашт. Аввалин патент барои ранги нохун дар соли 1919 ба қайд гирифта шуд. Он намои гулобӣ дошт.



Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ч. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

**Навбатдор:** Неъматулло ЗОИРЗОДА

**Тарроҳ:** Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, биноии Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 58 794**